Родмардони Ватан

30-солагии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муборак!

Ба Президент, ба Ватан содиқона хизмат мекунем!



Ҳаме зӯри гурдӣ бачой оваред,
Ҷаҳонро зи мардӣ ба пой оваред.

На мардӣ бувад хира ошуфтан,
Ба зер андар овардаро кӯфтан.

Ту бояд, ки пайкори мардон кунӣ,
Ба ҷанг андар оҳанги гурдон кунӣ.

Бувад расму ойини марди далер,
Ки орад ба оҳистагӣ шер зер.

Маҷаллаи тарбияи ҳарбию ватанпарастии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

сомонаи расмӣ: www.gmjt.tj
E-mail: gmjt.info.tj@mail.ru

Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ барои ҷавонон мактаби ҷавонмардӣ маҳсуб ёфта, дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарварӣ, худшиносиву худогоҳӣ тарбия намудани хизматчиёни ҳарбӣ ва барои онҳо муҳайё намудани шароити хуби хизмат, инчунин, риояи талаботи оинномаҳои ҳарбӣ муҳимтарин самти сиёсати мудофиавии кишвар маҳсуб меёбад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳифзи истиқлолу озодии Тоҷикистони маҳбубамон ва дастовардҳои он – сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ бояд қарзи инсонӣ, вазифаи шаҳрвандӣ ва рисолати имонии ҳар як фарди бонангу номус ва ватандӯсту ватанпарасти ҷомеа бошад.

Мо ба фарзандони ҷасуру далери халқамон-ҳомиёни Ватани маҳбубамон эътимоди комил дорем ва бо онҳо ифтихор мекунем.

Мо бо ҷавонони кишвари худ ифтихор дорем, зеро онҳо дар рушди давлат ва ободии Ватан фаъолона саҳм мегузоранд, марзу буми сарзамини аҷдодиро ҳимоя мекунанд, ватандӯсту ватанпараст, бонангу номусанд ва ба халқу давлати Тоҷикистон содиқ мебошанд».

Эмомалӣ Раҳмон

САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲ

Яке аз масъалаҳои бисёр муҳим дар Қувваҳои Мусаллаҳ таъмини афсарон бо манзили зист аст. Давоми солҳои соҳибистиқлолӣ аз ҷониби роҳбарияти давлату Ҳукумат, бахусус Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои кору зиндагии шоистаи хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот шароити муосир муҳайё карда шуда, ин тадбирҳо пайваста идома дода мешавад.

Тайи чанд соли охир дар ҳудуди вилоятҳо ва пойтахти кишвар танҳо аз Вазорати мудофиа зиёда аз 600 нафар хизматчиёни ҳарбӣ ва оилаҳои онҳо бо манзили зист таъмин гардиданд ва бунёди хонаҳои истиқоматӣ ё худ шаҳраки низомиён барои афсарону оилаҳои онҳо идома дорад.

23 сентябри соли 2005 дар ноҳияи Ҷиргатол (имрӯза ноҳияи Лахш) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз хонаҳои истиқоматие, ки барои афсарони қисми ҳарбӣ бунёд гардидаанд, дидан карда, бо шароити зисти аҳли оилаҳои афсарон шиносоӣ пайдо намуданд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар хонаи афсари ҷавон, капитан Муқим Аббосов бо ӯ ва аҳли оилааш суҳбат намуда, аз шароити зист ва аҳволи маишӣ дар ин мавзеи кӯҳистон пурсон шуданд ва ба ин оилаи ҷавон ҳамчунин тӯҳфаҳо тақдим намуданд .

15 ноябри соли 2007 Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хуҷанд дар маросими тантанавии ба истифода додани бинои нави истиқоматӣ ба афсарони Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон лентаи рамзиро бурида, бинои нави дорои 30 хонаи як ва дуҳуҷрагиро расман мавриди истифода қарор доданд .

24 марти соли 2011 Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Чкалов (ҳозира Бӯстон) ташриф оварда, дар ифтитоҳи бинои сеошёнаи истиқоматии Гвардияи миллии Тоҷикистон иштирок намуданд.

Дар ин бино 81 нафар афсарони Гвардияи миллӣ, ки дар гарнизони ҳарбии Суғд адои хизмати пуршарафи Ватан мекунанд, соҳиби хонаҳои истиқоматӣ шуданд. Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои истиқоматиро, расман, мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд ва калидҳои хонаҳоро ба аҳли оилаи афсарони хуштолеъ тақдим намуда, онҳоро ҳам бо ин рӯйдоди пурфараҳ ва ҳам бо иди Наврӯзи фархундапай табрику таҳният гуфтанд.

Ба ҳамаи соҳибхонаҳо Президенти кишвар, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон телевизор, яхдон ва дигар ашёи рӯзгор тӯҳфа намуданд. Бояд таъкид намуд, ки ҳамаи манзилҳо бо мебел, ҷиҳози рӯзгор ва дигар асбобу ашёи зарурӣ ҷиҳозонида шудаанд.

Дар давоми солҳои 2006-2011 бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 500 хизматчии ҳарбии Гвардияи миллӣ соҳиби хонаҳои истиқоматӣ гардидаанд .

Абдуфаттоҳ ШАРИФЗОДА
Роҳбари Хадамоти матбуоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

16 марти соли 2012 дар арафаи ҷашни пурифтихори Наврӯз бо ғамхории Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 352 нафар аз кормандони сохторҳои қудратӣ соҳиби хонаҳои хизматӣ шуданд.

Дар кӯчаи Нусратулло Махсуми пойтахт бо иштироки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 4 бинои нави 9-ошёнаи истиқоматӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон калидҳоро ба соҳибони хуштолеи ин хонаҳо тақдим намуда, онҳоро бо ин рӯйдоди пурфараҳ дар рӯзгори оилавиашон табрику таҳният гуфтанд.

Дар ин ҷо кормандони Вазорати мудофиа, Вазорати корҳои дохилӣ, Ку-

ДАР ТАЪМИНИ КОРМАНДОНИ БО МАНЗИЛИ ЗИСТ

митаи давлатии амнияти миллӣ, Гвардияи миллӣ, Қӯшунҳои сарҳадӣ, Прокуратураи генералӣ, Агентии назорати маводи нашъаовар ва ғайра соҳиби хонаҳои якҳуҷрагӣ ва дуҳуҷрагию сеҳуҷрагӣ шуданд.

18 сентябри соли 2012 дар шаҳри Хоруғ Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз отряди сарҳадӣ ду бинои шашошёнаи истиқоматиро бо 48 хона барои кормандони сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот ба истифода доданд.

10 ноябри соли 2014 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кӯчаи Соҳилии ноҳияи Фирдавсии пойтахт бинои наву замонавии бисёрошёнаи хонаҳои истиқоматиро барои кормандони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истифода доданд.

Бинои хонаҳои истиқоматӣ 9-ошёна буда, дорои 50 хонаи як, ду ва 3 ҳуҷрагӣ мебошанд.

Ҳамин тариқ, дар Рӯзи милитсияи тоҷик аз ҷониби Сарвари давлат ба 50 нафар хизматчии сохторҳои зертобеи Вазорати корҳои дохилӣ манзили истиқоматӣ тақдим карда шуд.

Соли 2014 қариб 650 оилаи хизматчиёни милитсияи тоҷик бо қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва манзили истиқоматӣ таъмин гардидаанд.

19 октябри соли 2015 дар деҳаи Қалъачаи Азими ҷамоати деҳоти Ғазантарақи ноҳияи Ғончӣ (имрӯза ноҳияи Деваштич) Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар фазои тантанавӣ ду бинои дуошёнаи истиқоматиро ба афсарони дидбонгоҳи сарҳадӣ тақдим намуданд.

Дар ин ҷо 24 оилаи афсарони марзбони қисми низомӣ бо манзил таъмин гардиданд .

22 феврали соли 2016 Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бинои 9 ошёнаи истиқоматиро барои оилаҳои афсарони Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истифода доданд.

Бинои истиқоматӣ аз 18 хонаи сеҳуҷрагӣ ва 27 хонаи дуҳуҷрагӣ иборат буда, бо тарҳи хеле зебо ва ҷавобгӯ ба талаботи меъёрҳои шаҳрсозӣ сохта шудааст.

Ҳамин тавр, 45 оилаи муҳофизони сарбаланду сарфарози Ватан, ки аъзои он дар маҷмуъ беш аз 240 нафарро ташкил мекунад, ба шарофати сиёсати инсондӯстонаи Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳиби манзили зист шуданд.

5 майи соли 2016 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар расми мавриди истифода қарор додани бинои нави истиқоматӣ барои кормандони сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартиботи кишвар иштирок карданд.

Бинои нави 15 ошёна дар маҳаллаи Зарафшони ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ҷойгир буда, бо тарҳу услуби нави санъати меъморӣ бунёд шудааст.

Бинои нав 108 манзили як ва ду ҳуҷрагӣ дошта, баробари мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтан дар он зиёда аз 100 нафар корманди сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот аз ҷумла намояндагони вазоратҳои адлия, мудофиа, корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ ва Қӯшунҳои сарҳадӣ бо манзили зист таъмин гардиданд.

11 сентябри соли 2016 дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вазъияти тантанавӣ як бинои дуошёнаи истиқоматиро

САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАЪМИНИ КОРМАНДОНИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲ БО МАНЗИЛИ ЗИСТ

мавриди истифода қарор доданд.

Ин бинои хуштарҳу замонавӣ аз 16 манзили як, ду ва сеҳуҷрагӣ иборат буда, барои оилаҳои хизматчиёни давлатӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ноҳия пешбинӣ гардидааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, шахсан калиди якчанд манзили истиқоматиро ба соҳибонашон супориданд ва барои зиндагии ободу осудаашон дар ин манзилҳо ба онҳо дуои хайр доданд.

13 сентябри соли 2016 дар шаҳри Бӯстон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар расми мавриди истифода қарор додани бинои нави истиқоматӣ барои хизматчиёни ҳарбии ҷузъу томҳои Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар гарнизони Суғд хизмат мекунанд, иштирок намуданд.

Бинои истиқоматӣ дуошёна буда, он дорои 32 хонаи истиқоматии як, ду ва се ҳуҷрагӣ мебошад .

14 сентябри соли 2016 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҳаллаи 19 шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд бинои баландошёнаи истиқоматӣ ифтитоҳ гардид.

Аз ҷониби Пешвои миллат ба хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ҳифзи ҳуқуқ, ки мушкилии ҷойи зист доштанд, хона тухфа карда шуд .

26 сентябри соли 2016 дар маркази ноҳияи Лахш, бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вазъияти тантанавӣ як бинои дуошёнаи истиқоматӣ мавриди истиқоматӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. Бинои мазкур аз 12 манзили як, ду ва сеҳуҷрагӣ иборат буда, барои афсарони Қӯшунҳои сарҳадӣ ва дигар кормандони сохторҳои қудратӣ пешбинӣ гардидааст.

10 ноябри соли 2016 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кӯчаи Раҳмон Набиеви шаҳри Душанбе бинои баландошёнаи истиқоматиро барои кормандони Вазорати корҳои дохилии ҷумҳурӣ ба истифода доданд. Бинои истиқоматӣ дар маҷмуъ аз 40 хонаи як ва ду ҳуҷрагӣ иборат мебошад. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вазъияти тантанавӣ ба чанд оилаи хуштолеъи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот ва оилаҳои кормандони ҳангоми адои вазифа ҳалокгардида, хона тақдим карданд .

6 ноябри соли 2017 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар маҳаллаи Зарафшон, кӯчаи Бобо Ҳамдами шаҳри Душанбе бинои 9 ошёна барои кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истифода дода шуда, аз ин ҳисоб 54 нафар аз кормандони мақомоти прокуратура соҳиби манзили зист гардиданд.

18 феврали соли 2018 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар маҳаллаи Зарафшони шаҳри Душанбе бинои 12 - ошёнаи иборат аз се қисм барои 200 оилаи хизматчиёни давлатӣ, аз ҷумла 40 оилаи кормандони низомӣ мавриди истифода қарор дода шуд .

16 сентябри соли 2020 Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар хиёбони Исмоили Сомонии шаҳри Хуҷанд бинои баландошёнаи истиқоматӣ барои кормандони Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғдро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Бинои истиқоматӣ аз 9 ошёна ва таҳхона иборат буда, дорои 32 ҳуҷраи барҳаво мебошад .

24 сентябри соли 2020 дар доираи сафари корӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Восеъ бинои 3-ошёнаи истиқоматӣ барои кормандони шуъбаи Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки бо тарҳи хеле зебо бунёд гардидааст, мавриди истифодабарӣ қарор доданд. Бинои мазкур дорои хонаҳои ду ва сеҳуҷрагӣ буда, дар он шароити арзандаи истиқомату истироҳат фароҳам оварда шудааст .

29 сентябри соли 2020 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар кӯчаи Шарифҷон Ҳусейнзодаи ноҳияи Шоҳмансури пойтахт бинои муҳташами баландошёнаи истиқоматиро, ки бо санъати

хоси меъморӣ бунёд гардидааст, мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз шиносоӣ бо имкониятҳои бинои нав, нахустин калиди ҳуҷраҳои истиқоматиро ба кормандони Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақдим карданд.

Дар бинои наву замонавӣ 76 корманди Қӯшунҳои сарҳадӣ соҳиби хонаи истиқоматӣ гардиданд .

11 декабри соли 2020 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар кӯчаи Саъдӣ Шерозии ноҳияи Синои пойтахт ду бинои баландошёнаи истиқоматиро барои кормандони Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Биноҳои истиқоматӣ аз 12 ошёна ва 124 хонаи барҳавои як ва duҳуҷрагӣ иборат мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз шиносоӣ бо шароити биноҳои нав, ба кормандони Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон хонаҳои истиқоматиро тақдим карданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба 120 оилаи кормандони Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, ки дар ин ду бинои баландошёна соҳиби хонаҳои нави истиқоматӣ гардиданд, яхдон, телевизор, мошини ҷомашӯӣ ва дигар ҷиҳози зарурии рӯзгор тақдим намуданд .

Бояд қайд намуд, ки бо мақсади таъмини шароити арзандаи зиндагии кормандони сохторҳои қудратӣ дар ошёнаҳои болоӣ ва шафати биноҳои навбунёди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ меҳмонхонаҳо, хобгоҳҳо ва хонаҳои истиқоматӣ бунёд шудаанд. Ҳамчунин дар шаҳру ноҳияҳо як қатор биноҳои истиқоматиро барои хизматчиёни давлатӣ бунёд ва ба истифода доданд. Хонаҳо бо ҷиҳоз, ашёи рӯзгор таъмин буда, барои зиндагии кормандон бо аҳли оила мусоид мебошад .

Аз ҷумла, 10 сентябри соли 2019 бинои наву замонавии Прокуратураи ноҳияи Муъминобод, 10 июли соли 2020 бинои Хадамоти давлатии “Муҳофиза”-и Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Душанбе, 20 августи соли 2020 бинои нави сеошёнаи шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияи Ванҷ, 12 сентябри соли 2020 шуъбаи минтақавии Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар водии Зарафшони вилояти Суғд, 24 сентябри соли 2020 Прокуратураи ноҳияи Восеъ, 9 апрели соли 2021 бинои шуъбаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар деҳоти Ворухи шаҳри Исфара, 12 июни соли 2021 бинои маъмурии Хадамоти давлатии “Муҳофиза”-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 20 августи соли 2021 бинои шуъбаи Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе, 22 сентябри соли 2021 манзилҳои истиқоматӣ барои хизматчиёни давлатӣ ва сохторҳои қудратӣ, 5 октябри соли 2021 бинои истиқоматии 9-ошёна барои хизматчиёни давлатӣ ва ҳарбӣ, 21 октябри соли 2021 Муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи оташнишонӣ-техникӣ”-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар деҳоти Корези ноҳияи Данғара, 21 октябри соли 2021 шуъбаи хадамоти “Муҳофиза”-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҳаллаи 15 деҳоти Корези ноҳияи Данғара, 27 октябри соли 2021 бинои Гурӯҳи “Тоҷикобод”-и шуъбаи ноҳияи Вахши Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтитоҳ гардид, ки нишони олии дастгириву ғамхориҳои роҳбарияти давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хоса Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба кормандони соҳа мебошад.

АРТИШ - СИПАРИ МИЛЛАТ ВА БАҚОИ ДАВЛАТ

ТАБРИКОТИ фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенанти гвардия Ҷамолзода Бобоҷон ба муносибати 30-солагии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рафиқон генералҳо, собиқадорони хизмати ҳарбӣ, афсарон, прапоршикон, сержантону сарбозон!

Бо камоли ифтихор ҳамаи шуморо ба муносибати ҷашни таърихӣ, яъне 30-юмин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрику муборакбод мегӯям. Бароятон саломатӣ, саодати рӯзгор ва дар хизмати пуршараф, таъмини амнияти давлат, ҳифзи марзу бум ва дастовардҳои Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон комёбиҳои беназирро таманно дорам.

23-юми феврали соли 2023 аз фаъолияти пурсамари Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 сол сипарӣ шуд. Агар ба таърихи таъсисёбии Артиши миллӣ назар андозем, ба давраи бениҳоят мушкили иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳарбии кишвар рост омадааст.

Соли 1993 Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бениҳоят вазнину тақдирсоз қарор дошт: ҳама сохторҳои давлатӣ фалаҷ гардида, дар саросари кишвар ҷангу хунрезӣ, беҳокимиятӣ ва беқонунӣ ҳукмфармо буд. Барои ба эътидол овардани вазъи ноороми сиёсӣ, ҳифзи Тоҷикистони тозаистиқлол, барқарор намудани шоҳаҳои ҳокимият набудани одитарин техникаву таҷҳизоти ҳарбӣ, силоҳу муҳимоти ҷангӣ ва кадрҳои лаёқатманди ҳарбӣ аз мушкилоте буданд, ки сари ҳар қадам эҳсос мешуданд. Маҳз дар ҳамин шароити душвори иқтисодӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фармони Раёсати Шӯрои Олӣ «Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» - ро ба имзо расонид. Ба душвориҳои молиявӣ нигоҳ накарда, тадриҷан бунёди инфрасохтори низомӣ, таъсиси ҷузъу томҳои махсусгардонидашуда ва таъмин кардани онҳо бо силоҳу техника шурӯъ карда шуд.

Натиҷаи ин сиёсати хирадмандона ва эҳсоси баланди ватандӯстонаи афсарону сарбозони тоҷик буд, ки дар рӯзҳои мудҳиши ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ дар муқовиматҳои мусаллаҳона бо гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ қарзи фарзандии худро дар назди халқу Ватан сарбаландона иҷро карданд. Пеши роҳи хунрезӣ ва ҳамчун давлат аз байн рафтани Ҷумҳурии Тоҷикистонро гирифта, барои барқарор намудани сулҳу субот саҳми арзанда гузоштанд. Имрӯз мо бо сарбаландӣ аз корномаву қаҳрамонии фарзандони диловари тоҷик ёдовар шуда, ибрoз медорем, ки бо талошу ҷоннисории онҳо сохти конститутсионӣ дар Тоҷикистон барқарор гардид, ҳаёти осоиштаи мардум таъмин шуда, барои оянда ва рушди ҳама соҳаҳо

шароити мусоид фароҳам оварда шуд. Чуноне ки бунёдгузори Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониашон ба муносибати 27- солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ иброз намуданд: «Имрӯз ман бо қаноатмандӣ ва ифтихор изҳор менамоям, ки афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ аз бисёр имтиҳону озмоишҳои сахту сангин бо сари баланд гузаштанд ва рисолати касбиву қарзи шаҳрвандии худро бошарафона адо намуданд. Яъне артиши 27 сол қабл амалан дар ҷойи холӣ таъсисдодаи мо имрӯз ба як сохтори муқтадир, муназзам ва боэътимод табдил ёфтааст».

Дар низоми сохторҳои қудратии кишвар Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз шохаҳои хеле муҳим мебошад ва он соли 1995 дар заминаи як қисми ҳарбӣ ташкил карда шудааст. Бо дастгирӣ ва ғамхориҳои пайвастаи Пешвои миллат-Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз Гвардияи миллӣ ба як ниҳоди бонуфузи низомӣ табдил ёфтааст, ки дар ҳифзу мудофиаи дастовардҳои Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон мавқеи махсус дорад.

Ҳайати шахсии Гвардияи миллӣ аз рӯзҳои аввали фаъолият дар баробари дигар сохторҳои низомии кишвар дар барқарор намудани сохти конститутсионӣ, амнияти давлат ва таҳкими истиқлолият борҳо дар задухӯрдҳои шадид бо гурӯҳҳои ғайриқонунии мусаллаҳ ҷасорату мардонагӣ нишон дода, даҳҳо нафар дар ҳифзи Ватан ҷони худро нисор кардаанд. Хизмати шоиста, далериву шуҷоати хизматчиёни ҳарбии Гвардияи миллиро ба инобат гирифта, 307 нафари онҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардонида шудааст, ки аз инҳо 79 нафар баъд аз марг мебошад. Албатта, мо хотираи ин ҷавонмардонро, ки қарзи шаҳрвандии худро бар ивази ҷонашон иҷро кардаанд, ҳамеша пос медорем ва номи неки онҳоро ҳаргиз фаромӯш намекунем.

Қобили зикр аст, ки тӯли 30 соли фаъолияти Артиши миллӣ бо дастгирии роҳбарияти олии кишвар ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мустаҳкам намудани иқтидори мудофиавии кишвар, баланд бардоштани қобилияти ҷангии артиш таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардида, барои бунёди иншооти муосир, таъмини техникаву силоҳ, муҳимоти ҷангӣ аҳамияти ҷиддӣ дода шудааст. Дар ин самт, дар сохторҳои низомӣ, аз ҷумла дар Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зиёд анҷом дода шуд. Вале ба ин ҳама нигоҳ накарда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии кишвар, ки 23-юми декабри соли 2022 ироа гардид, таъкид намуданд: ***«Вазъи мураккаби ҷаҳони муосир моро водор менамояд, ки ҷиҳати суръат бахшидан ба навсозӣ ва муҷаҳҳазгардонии Қувваҳои Мусаллаҳ, баланд бардоштани омодабошии ҳарбӣ ва тақвияти иқтидори мудофиавии кишвар тадбирҳои зарурии иловагиро амалӣ намоем. Бинобар ин, Ҳукумати мамлакат, Вазорати мудофиа ва дигар сохторҳои низомӣ вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори мудофиавии кишвар Консепсияи мудофиаи миллиро таҳия ва пешниҳод намоянд».***

Ҳамчунин вобаста ба рушди иқтисодии кишвар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати беҳтар намудани вазъи иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ тадбирҳои зарурирро роҳандозӣ менамояд ва аз моҳи марти соли 2023 маоши вазифавии хизматчиёни ҳарбӣ 25 фоиз зиёд карда мешавад. Чуноне ки дар боло қайд шуд, Ҳукумати кишвар минбаъд низ барои баланд бардоштани қобилияти ҷангии Артиши миллӣ чораҳои мушаххас меандешад.

Мо, хизматчиёни ҳарбиро зарур аст, ки бо ҳисси баланди ватандӯстиву хештаншиносӣ барои таъмини амнияти Ватан, ҳифзи сулҳу субот ва дастовардҳои Истиқлолияти давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамеша омода бошем. Барои ин бояд пайваста омӯзем, маҳорату малакаи касбӣ ва ҷангии худро пайваста такмил диҳем, аз навгониҳои илми ҳарбӣ, технологӣ, мубориза ҳои иттилоотӣ бохабар бошем, дар ғафлат намонем, ҳушёрии сиёсиро аз даст надода, дар ҳама ҳолат барои ҳифзу мудофиаи Ватан тайёр бошем.

Бори дигар ҳар яки шуморо ба ҷашни бузургу таърихӣ муборакбод гуфта, бароятон саломатӣ, фазои софу беғубор, хушиву хуррамии рӯзгор ва дар роҳи ҳифзи Ватан, манфиатҳои миллӣ муваффақиятҳо орзу дорам.

30-юмин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муборак бошад, ҳомиёни далеру шуҷои Ватан!

Дар ҳошияи қабул гардидани пешниҳоди панҷуми Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тарафи СММ дар бораи эълон гардидани соли 2025 – «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо»

МАНБАИ ОБИ МУСАФФО

Аз рӯи тадқиқоти олимон муайян карда шудааст, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 900 гектар комплекси табиӣ бо 40 намуди ландшафт (манзара) мавҷуд аст. Кишвари мо бо чашмаҳои шаффоф, гарму табобатӣ ва олами бойи растаниҳои шифобахш машҳур буда, сайёҳони дохиливу хориҷиро ба худ ҷалб намудааст.

Воқеан, ҳам Тоҷикистон табиати бою сарватҳои бебаҳо дошта, аз ҷиҳати захираи манбаъҳои об дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалро ишғол менамояд. Манбаи асосии об дар Тоҷикистон пиряххо ва барфу борон ба ҳисоб меравад.

Пирях – тӯдаи яххои табиии рӯйи замин аст, ки ҳамеша дар ҳаракат буда, дар як шабонарӯз аз якчанд сантиметр то даҳҳо метр ҳаракат мекунанд. Пиряххои кишвари мо дар мавзеъҳои сард, дар натиҷаи боридани барфи бисёр ба вуҷуд омадаанд, ки яке аз боигариҳои асосӣ ба шумор мераванд.

Имрӯзҳо аҳолии қисми зиёди кишварҳои олам аз норасоии оби тоза танқисӣ мекашанд. Хушбахтона, Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо аҳолии кишвар, балки тамоми Осиёи Марказиро метавонад аз ҳисоби манбаъҳои асосиву пурбаракати худ – пиряххо, бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин намояд. Зиёда аз 60 фисади захираи оби кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ҳудуди кишвари мо ташаккул меёбанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин мушкилоти глобалиро хуб дарк карда, ҷидду ҷаҳд менамоянд, ки об дар миқёси ҷаҳон оқилонаву дурандешона истифода шавад ва ҳамагон бо ин сафобахши зиндагӣ таъмин бошанд.

Таваҷҷуҳ ба проблемаҳои глобалӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боиси як қатор ташаббусу иқдомҳои созанда гардида, ду даҳсолаи охир масъалаи бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин намудани тамоми сайёра дар мадди аввал меистад. Пазируфта шудани Соли байналмилалии оби тоза (2003), Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» (2005-2015), Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об (2013), Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» (2018 – 2028) аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид обрую эътибори Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ боз ҳам баланд намуд.

Ҷамъбасти соли 2022 барои мардуми шарифи тоҷик неку хотирмон буд. Чунки 14- уми декабр Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид зимни иҷлосияи 77- и худ қатъномаи «Соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо»- ро, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда буд, бо иттифоқи оро қабул кард. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Тоҷикистон сиёсати давлатдории худро одилонаву оқилона ба роҳ монда, бо ташаббусҳои созандаи худ дар арсаи ҷаҳон нуфузу эътибори хосаро касб намудааст.

Минтақаи Осиёи Марказӣ, хусусан Тоҷикистон, минтақаи ба тағйирёбии иқлим осебпазир маҳсуб меёбад. Сол то сол бештар тағйирёбии иқлим, болоравии ҳарорати ҳаво, олудагардии фазо бо моддаҳои зиёновар, норасоии оби нӯшокӣ ва таъмини амнияти экологӣ дар миқёси ҷаҳон монеаҳо эҷод карда, боиси обшавии босуръат ва коҳишёбии пиряххо мегардад. Пайомади нохуши ин ҳодисаҳо дар аксари кишварҳои сайёра ва Тоҷикистон мушоҳида карда мешавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми шодбошӣ оиди эълон гардидани соли 2025 - «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо», аз ҷониби Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид чунин иброз доштанд: *«…Тағйирёбии глобалии иқлим ба сифати яке аз мушкилоти муосир, пеш аз ҳама ба ҳолати пиряххо, захираҳои барф ва об таъсири манфӣ мерасонад…*

Ҷомеаи ҷаҳонӣ хуб дарк мекунад, ки коҳиш ва харобшавии минбаъдаи манбаъҳои обҳои ошомиданӣ дар сайёра метавонад аҳли башарро ба фалокатҳои зиёди ҷонӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дучор намояд. Аз ин лиҳоз, ба ҷомеаи ҷаҳонӣ лозим меояд, ки барои ҳалли ин масоили глобалӣ ҳар чӣ зудтар чораҳои зарурии муштаракро таҳия ва татбиқ намоянд».

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои зиёди оби тоза мебошад. Дар ҳудуди кишвар 947 дарёи хурду калон ҷорӣ мегардад, ки дарозии умумии онҳо ба 28 ҳазору 500 километр мерасад. Манбаи захираҳои бузурги об асосан пиряххо мебошанд. Гармшавии иқлим ҷараёни обшавии пиряххоро тезонда, эҳтимолияти рахнашавӣ ва обхезиро ба вуҷуд меорад.

Бо мақсади ҳифзи пиряххои Тоҷикистон аз

тарафи ҳукумати мамлакат «Барномаи давлатӣ оид ба омӯзиш ва нигоҳдории пиряхҳои Тоҷикистон барои солҳои 2010 – 2030» қабул гардидааст. Зарурати қабули ин барномаи ҳаётан муҳим барои кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ногузир буд, зеро бар асари гармшавии иқлим дар чанд соли охир пиряхҳои Тоҷикистон қариб 30 фоиз масоҳаташонро аз даст додаанд. Аз 14 ҳазор пиряхи ҳудуди кишвар 19-тои он хеле бузург буда, дар натиҷаи тағйирёбии иқлим ҳазортояш аз байн рафтааст, ки боиси ташвиш мебошад. Чунки маҳз пиряхҳо манбаи асосии оби дарёҳо ба шумор мераванд. Оби тозае, ки аз пиряхҳо ҷорӣ мешавад, на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои дигар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ хеле зарур ҳастанд.

Бузургтарин пиряхҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар Тоҷикистон ҷойгиранд. Тибқи иттилои «Маркази омӯзиши пиряхҳои Тоҷикистон», баландии пиряхҳое, ки аз нишебиҳои қуллаи Сомонӣ сарчашма мегиранд ба 7400 метр аз сатҳи баҳр мерасанд.

Яке аз бузургтарин пиряхи минтақа – Федченко, ки майдони калон ва системаи васеи қаторкӯҳҳоро ишғол менамояд, айни замон зери таъсири ҷиддии гармшавии иқлим қарор дорад. Пиряхи Федченко - муъҷизаи беҳамтои табиати афсункори Тоҷикистон буда, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҷойгир шудааст. Ин пирях ба даҳгонаи бузургтарин пиряхҳои ҷаҳон шомил мешавад. Пиряхи Федченко 75 километр дарозӣ дошта аз 50 шохоб иборат аст.

Аз рӯйи маълумотҳои яхшиносон пиряхи бузург - Федченко низ ҳаракат мекунад. Суръати миёнаи солонаи ҳаракати ин пирях аз 63 то 89 см дар як шабонарӯз мебошад, ки ба ҳисоби миёна 73 см дар як шабонарӯзро ташкил медиҳад. Раванди хурдшавии пирях сол то сол бештар сурат мегирад. Агар соли 1979 ғафсии пиряхи Федченко ба 40 - 50 метр баробар бошад, соли 1998 он ҳамагӣ 20 - 25 метрро ташкил додааст. Дар давоми 30 соли охир пиряхи Федченко беш аз 3 километр масоҳати худро аз даст дода, сатҳи он 50 метр паст фаромадааст.

Обшавии яхпораи аз ҳама азими Антарктида, ноҳияҳои қутби шимолӣ, пиряхҳои Ҳимолой низ боиси ташвиши ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Дар баробари ин, тағйирёбии иқлим ба пиряхҳои нисбатан хурд таъсири ҷиддӣ дошта, ҳолати онҳоро боз ҳам хароботар намудааст. Аз натиҷаҳои илмӣ бармеояд, ки тағйирёбии иқлим ба пиряхҳои тамоми яхистони кураи арз, аз ҷумла Тоҷикистон таъсири амиқ дорад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар аксар суханрониҳои худ ба ҳалли мушкилоти глобалии экологӣ, тағйирёбии иқлим ва норасоии оби нӯшокӣ ва вазъи босуръат об шудани пиряхҳо дар Арктика, Антарктида, Гренландия ва дигар манотиқи ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон изҳори нигаронӣ карда, иброз доштанд, ки нагирифтани пеши роҳи ин раванд метавонад ҷомеаи ҷаҳонро ба оқибатҳои ногувор рӯ ба рӯ созад.

Сарвари давлат ҳифзи пиряхҳоро масъалаи ҳаётан муҳим, ҳассос ва ҷиддӣ номида, пешниҳод карданд, ки соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон гардида, санаи «Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо» муайян карда шавад.

Иқдоми навбатии Пешвои муаззами миллат,аз ҷониби СММ бо тарафдории аксари кишварҳои ҷаҳон пазируфта шуда, 21 март ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо муқаррар карда шуд. Пешниҳоди дигари ҷониби Тоҷикистон таъсис додани Бунёди махсуси байналмилалии ҳифзи пиряхҳо мебошад, ки мақсад аз ин тадбирҳо пешгирии сариватӣ аз обшавии пиряхҳо дар ҷаҳон мебошад. Фонди мазкур ба он равона мегардад, ки аз ҳисоби манбаъҳои захиравии он ба кишварҳо ва давлатҳои алоҳида, ки дар самти дастрасӣ ба ҳифзу нигоҳдошти пиряхҳо ҳамчун манбаи захираҳои обӣ эҳтиёҷ доранд, дастгириҳо ва кумакҳо роҳандозӣ карда мешаванд.

Дар қатъномаи мазкур аҳамияти пиряхҳо ҳамчун ҷузъи таркибии даври гидрологӣ ва таъсири ҷиддии обшавии босуръати онҳо ба иқлим, муҳити зист, саломатии инсон ва рушди устувор дарҷ гардидааст.

Ҳифз ва нигоҳ доштани пиряхҳо яке аз масъалаҳои умдаи рӯз мебошад. Чунки аз сарватҳои нотакрори табиати афсункори Тоҷикистон на танҳо насли имрӯз, балки наслҳои оянда низ, бояд самаранок истифода баранд. Агар имрӯз ба қадри неъматҳои табиат нарасида, онро сарфакорона истифода набарем, пас фардо барои наслҳои оянда мушкилоти зиёде эҷод менамоем.

«Пиряхҳо захираи асосии оби соф мебошанд. Обшавии босуръати онҳо дар баробари зиёдшавии истеъмоли об, ки бо афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ вобастагӣ дорад, метавонад ба оқибатҳои бағоят манфӣ оварда расонад», - иброз менамоянд Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Аз ин лиҳоз, қабул ва бо қатъномаи махсус тасдиқ кардани иқдоми панҷуми Президенти кишвар дар бораи эълон гардидани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» аз ҷониби Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид бо ҷонибдории 153 давлати ҷаҳон, барои мардуми тоҷик ҳам шараф асту ҳам ифтихор.

Тоҷикистониён бо иқдомҳои созандаву арзанда дасти болову сари баланд доранд. Нуфузу эътибори кишвари мо дар арсаи ҷаҳон боз ҳам афзуну баланд мегардад. Табиати нотакрори Тоҷикистон, ки биҳишти нақдро мемонад, бо сарватҳои нодиру ҳаётбахши худ, мавзеи сайёҳиро ихтиёр карда, баҳри ояндагон чун гавҳараки чашм эҳтиёт ва нигоҳ дошта мешавад.

Саодат САТТОРӢ

НАҚШИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАШКИЛ ВА ТАҲКИМИ ГВАРДИЯИ МИЛЛӢ

Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз шохаҳои Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар буда, дар тобеияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ қарор дорад ва аз ҷумлаи нерӯҳои захиравии Сарвари давлат аст.

Ин сохтори бонуфузи низомӣ моҳи январи соли 1995 дар заминаи як бригадаи зудамал (қисми ҳарбии 3571-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон) нахуст бо номи Гвардияи президентӣ таъсис дода шуд.

Ҳайати шахсии Гвардия аз рӯзҳои аввал бо устуворию матонат ба иҷрои хизмат шурӯъ карда, дар лаҳзаҳои тақдирсози миллат ба гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ дар майдони ҳарбу зарб ғолиб омада, сазовори боварии Сарвари давлат ва мардуми ҷумҳурӣ гардид.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон афсарону сарбозони Гвардия дар баробари дигар хизматчиёни ҳарбии сохторҳои қудратӣ барои барқарор намудани сохти конститутсионӣ, таъмини амният ва таҳкими истиқлоли давлатии Тоҷикистон саҳми арзанда гузоштаанд. Корнамоӣ ва шуҷоати 307 нафари онҳо бо мукофотҳои давлатӣ қадрдонӣ шудааст, ки 79 нафарашон дар сангарҳо ҳалок гаштаанд.

17 январи соли 2000 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷамъомади тантанавӣ бахшида ба 5-солагии таъсиси Гвардияи президентӣ суханронӣ намуданд.

Президенти кишвар роҳи 5-солаи тайкардаи Гвардияро баҳогузорӣ намуда, қайд карданд, ки қисми ҳарбии №3571 барои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва волоияти қонун дар ҷумҳурӣ саҳми босазое гузошт ва маҳз дар заминаи он соли 1995 Гвардияи президентӣ ташкил карда шуд. Кӯшишҳои табаддулоти ҳарбии солҳои 1995-98, ки мардуми кишварро ба ташвиш оварда буд, маҳз дар натиҷаи мардонагиву фидокории сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ, аз ҷумла Гвардияи президентӣ рафъ карда шуд .

26 январи соли 2004 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Гвардияи президентӣ ба Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд ва дар фаъолияти Гвардия марҳилаи нав оғоз гардид. Дар баробари қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар сохтори ташкилии он тағйироти куллӣ ворид карда шуда, марҳилаи нави гузариш ба фаъолияти касбии хизматчиёни ҳарбӣ мусоидат намуд.

Принсипи асосии фаъолият, нишон ва рамзҳои фарққунанда, вазифаву ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ, таъминоти техникӣ, молиявӣ, моддӣ ва маънавии Гвардияи миллӣ муайян гардид. Ҳамчунин вазифаҳои асосии Гвардияи миллӣ дар асоси фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд. Ҳифз ва мудофиаи иншооти махсусан муҳими давлатӣ, пешвоз ва гусели меҳмонони олимақоми хориҷӣ, иштирок ва таъмини амнияти шахсони расмӣ ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои маросимӣ аз қабили вазифаҳои асосии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

17 июли соли 2004 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими савгандёдкунии наваскарони Гвардияи миллии Тоҷикистон иштирок ва суханронӣ намуданд.

“Ба зиммаи ҳар як хизматчии ҳарбӣ, -таъкид намуданд Сарвари давлат, - ***вогузор намудани вазифа ва масъулияти баланди хизмат ба Ватан маҳз аз рӯзи савгандёдкунӣ оғоз меёбад. Дар баробари савгандёдкунӣ хизматчии ҳарбӣ ба унвони аскар мушарраф гардида, барои ҳифзи Ватани худ ӯҳдадор мегардад”.***

Баъди анҷоми маросими савгандёдкунӣ, наваскарон аз назди минбар ботантана қадам зада, садоқату матонати хешро ба халқу Ватан изҳор намуданд. Сипас аз майдон қатори техникаҳои муқтадири низомӣ гузашта, афсарону сарбозон омодагии доимии худро дар ҳифзи истиқлоли миллӣ ва амнияту оромии кишвар ифода карданд .

5 майи соли 2005 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар пойгоҳи саҳроии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷи-

кистон дар мавзеи Қаратоғ дар машқҳои фаврии қисму воҳидҳои Гвардияи миллӣ ва Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуданд.

Мақсади гузаронидани машқҳои таълимӣ асосан мукаммалгардонию ҳамоҳангсозӣ ва баҳамории амалиёти гурӯҳҳои фаврӣ ҳангоми амалиёти ҷангӣ, мудофиа, ҳуҷуми ҷавобӣ ва таъқиби сарҳадшиканон дар ҷараёни ҳифзи сарҳад ва иншоотҳои муҳимми иқтисодию стратегии давлатӣ, мубориза бар зидди терроризм ва барҳам додани гурӯҳҳои мусаллаҳонаи ғайриқонунӣ мебошад.

Баъди анҷоми машқҳои тактикӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ афсарону сарбозони Гвардияи миллиро вазифадор намуданд, ки бобати интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, риояи меъёрҳои оинномавӣ ва интизоми ҳарбию хизматӣ талаботи қатъӣ ҷорӣ намуда, ҷиҳати таҳкими амнияти давлатӣ, садоқат ба Ватан, риояи Конститутсия, ифтихор ва нангу номуси миллӣ тарбияи ватандӯстиро пурзӯр намоянд.

30 августи соли 2005 Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров аз қисми низомии Гвардияи миллӣ дидан карда, бо шароити зист ва вазъи омодагии қисмҳои ҳарбӣ ошно шуданд ва онҳоро бо иди истиқлол табрик намуданд.

4 феврали соли 2006 қароргоҳи отряди алоҳидаи таъиноти махсуси Гвардияи миллии Тоҷикистон вазъияти идона дошт. Дар фазои тантанавӣ беш аз 300 нафар сарбозони Гвардияи миллӣ баҳри садоқат ба халқу Ватан савганди низомӣ ёд карданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади табрики ин наваскарони хуштолеъ ва баҳри шиносоӣ бо вазъи омодагии ҷангию

рӯҳии ҳайати шахсӣ, шароити хидматию маишии онҳо ба ин қисми низомӣ ташриф оварданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон наваскаронро бо ин рӯзи барояшон фаромӯшнопазир табрик намуданд ва аз шароити хидматию маишӣ, ҷараёни таълиму тарбия дар қисми низомӣ пурсон шуданд.

Таъкид карда шуд, ки сафҳои Гвардияи миллӣ, асосан, бо афсарони дорои маълумоти олии ҳарбӣ ва дараҷаи баланди тахассусӣ мукаммал гашта, сарбозон низ дар асоси санҷиши дақиқи саломатӣ ва мутобиқат ба талаботи махсуси ҳарбӣ ба хидмат даъват карда мешаванд.

18 ноябри соли 2006 дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳифаи нав оғоз гардид. Дар маросими ба иҷрои вазифа шурӯъ намудани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шарафи баровардани рамзҳои давлатии Тоҷикистон ба зиммаи ҳайати шахсии Гвардияи миллӣ вогузор шуда буд. Ин шарафи бузургро аз фармондеҳ то сарбози қаторӣ бо ифтихор ва садоқат ба ҷо оварданд.

1 январи соли 2007 дар таърихи Гвардияи миллӣ бори аввал ҳайати шахсии он ба ҳифз ва мудофиаи иншооти махсусан муҳими давлатӣ шурӯъ намуд. Иҷрои ин вазифаи муҳими давлатӣ, ки масъулияти зиёдро талаб мекунад, барои ҳайати шахсӣ боиси ифтихору сарбаландист.

Хизматчиёни ҳарбие, ки ба иҷрои ин вазифаҳо сафарбар шудаанд, аксаран дастпарварони Маркази тайёрии кадрҳои Гвардияи миллӣ мебошанд. Маркази тайёрии кадрҳо дар тарбияи мутахассисони хурд ва омода намудани наваскарон ба хизмати ҳарбӣ, барои баланд бардоштани савияи донишҳои афсарони ҷавон мавқеи махсус дорад. Пас аз адои як солу нӯҳ моҳи хизмат сарбозоне, ки қобилияти баланди ҷисмонӣ ва рӯҳӣ доранд, ба курсҳои махсус ҷалб карда мешаванд. Барои пурсамар гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ дар Маркази мазкур синфхонаҳои муҷаҳҳази компютерӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва дигар шароиту имконияти таълимӣ пурра фароҳам оварда шудааст.

25 ноябри соли 2008 Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавзеи Чоряккорони ноҳияи Рӯдакӣ шифохонаи марказии Гвардияи миллии Тоҷикистонро мавриди истифода қарор доданд.

Зимни шиносоӣ бо шароити табобатӣ ва будубоши беморон дар ин шифохона зикр гардид, ки ин биноҳо аз солҳои 90-уми асри гузашта ин ҷониб дар ҳолати ногувору валангорӣ қарор доштанд ва дар зарфи як сол бо харҷи 1 миллиону 730 ҳазор сомонӣ маблағи аз ҳисоби Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудогашта аз нав ободу зебо ва муҷаҳҳаз карда шуд. Таҷҳизоти аз ҳама гаронарзиши воридшуда ба-

рои ташхиси бемориҳои гуногуни дарунӣ, амалиётҳои ҷарроҳӣ ва физиотерапия пешбинӣ шудаанд, ки барои сарбозону афсарони Гвардияи миллии Тоҷикистон ва мардуми деҳоти атроф туҳфаи бебаҳо аст.

Шифохона аз 9 шуъбаи табобатӣ, аз ҷумла шуъбаҳои ҷарроҳӣ, эҳёгарӣ, дандонпизишкӣ, физиотерапия, бемориҳои дарунӣ, асаб, сироятӣ, пӯст ва ғайра иборат аст, ки ҳамаи он бо таҷҳизоти хушсифати ҳозиразамон таъмин гаштаанд.

30 августи соли 2011 дар маросими афрохтани Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки баландии он 165 метрро ташкил медиҳад, ҳайати шахсии қаровули фахрии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуд. Бо ташаббуси Пешвои миллат дар тамоми шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ Парчами Тоҷикистон ҳамчун рамзи соҳибистиқлолии давлат ва ватандӯстии мардуми тоҷик афрохта шуд, ки қаравули фахрии Гвардияи миллӣ як ҷузъи фарққунанда ва рамзи соҳибдавлатӣ дар ҳамаи он иштирок менамояд. Дар ин маросимҳо оркестри ҳарбӣ-нафасии Гвардияи миллӣ ҳайати шахсии баталёни қаравули фахриро ҳамроҳӣ менамояд. Ҳайати шахсии оркестр маҳорати хуби касбӣ дошта, дар чорабиниҳои муҳими давлатӣ иштирок мекунад.

25 сентябри соли 2013 Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар қисми низомии 051062-и Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шароити хизматии афсарону сарбозон шинос гардиданд.

Сарвари давлат зимни суҳбати озоду самимӣ афсарону сарбозонро ба хизмати содиқона ба Ватан ҳидоят намуданд.

Қисми ҳарбии мазкур яке аз воҳидҳои таъиноти махсус буда, бо аслиҳаву техникаи ҳарбӣ, лавозимоту муҳимоти ҷангӣ ва дигар воситаҳои махсуси муосир таъмин карда шудааст. Намунаи беҳтари ин воситаҳои муосири техникӣ, ки барои воҳидҳои махсус пешбинӣ шудаанд, дар саҳни қисми ҳарбӣ ба намоиш гузошта шуд.

13 октябри соли 2014 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба қароргоҳи марказии Гвардияи миллии Тоҷикистон ташриф оварда, дар тантанаҳои бахшида ба солгарди 19-уми ин воҳиди махсуси низомӣ иштирок намуданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шароити хизматию таълимӣ ва будубоши доимии қисмҳои ҳарбии Гвардияи миллӣ бевосита шинос шуда, барои боз ҳам беҳтару намунавӣ кардани онҳо ба масъулин супоришҳои мушаххас доданд.

4 сентябри соли 2015 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истиқболи солгарди 20-уми таъсиси Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид.

Дар чорабинии тантанавӣ, ки дар Кохи Борбад баргузор гардид, ҳайати роҳбарӣ ва фармондеҳии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар, сарбозону афсарони Гвардияи миллӣ, роҳбарони як қатор сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот иштирок карданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми афсарону сарбозони Гвардияи миллӣ ва кулли мардуми кишварро бо 24-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 20-солагии таъсисёбии Гвардияи миллӣ табрику таҳният гуфта, ба онҳо дар ҳимояи амнияту оромии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон матонату шуҷоат ва маҳорату кордонӣ таманно намуда, аз ҷумла қайд карданд, ки: ***“Мо ин воҳиди низомиро дар давраи таъсис додем, ки кишварамон дар вазъи ниҳоят вазнину ҳассос қарор дошт. Бинобар ин, ҳайати шахсии Гвардияи миллӣ дар марҳалаи аввали ташаккулёбии худ дар баробари дигар сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ роҳи хеле душвору сангин, вале пуршарафро сипарӣ карда, номи пурифтихори родмарди гвардияро бо нишон додани намунаҳои беҳтарини ҷасорату ҷавонмардӣ ҳифз***

намуд. Имрӯз метавонем бо қаноатмандӣ изҳор намоем, ки Гвардияи миллии мо дар солҳои мавҷудияти худ дар бисёр набардҳои сангин фаъолона иштирок кард ва ҳайати шахсии он фидокориву шуҷоат нишон дода, барои таъмини оромӣ ва суботи ҷомеа саҳми сазовор гузошт. Ҳайати шахсии он то имрӯз ба Ватан ва мардуми худ ҳамчун кафили суботу оромии ҷомеа ва муҳофизони марзу буми кишвар вазифаҳои касбии худро сарбаландона иҷро карда истодааст. Фаъолияти бистсолаи Гвардияи миллӣ собит месозад, ки он ҳоло ба мактаби омодасозии кадрҳои содиқу вафодор табдил ёфтааст ва хизмат дар сафҳои он мояи ифтихори ҳар як ҷавони ватандӯсту ватанпарвар мебошад."

14 феврали соли 2018 бо иштироки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Душанбе бинои 5-ошёнаи истиқоматӣ барои оилаҳои хизматчиёни ҳарбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истифода дода шуд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити бино ва сифати корҳои анҷомшуда, ба кори сохтмончиён баҳои сазовор доданд ва аз сокинони хуштолеъ - хизматчиёни ҳарбии Гвардияи миллӣ даъват карданд, ки содиқона ба нафъи халқу Ватан хизмат намоянд.

Хизмат дар сафҳои Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмати ифтихорӣ мебошад. Ин ҷо ҷавонон бо азму иродаи қавӣ хизмати ҳарбиро ихтиёр карда, таълим мегиранд. Бештари онҳо тайи хизмати дусолаи ҳарбӣ дар рӯҳияи ҷасорату мардонагӣ, ватандӯстӣ ва садоқат ба Президенту мардуми бузурги тоҷик тарбия ёфта, хизматро дар ин сохтори бонуфузи низомӣ идома медиҳанд.

Табиист, ки дар сурати мавҷуд будани ҳавасмандӣ сифати хизмат ба маротиб боло меравад. Ин аст, ки дар самти баланд бардоштани омодагии ҷангӣ қисмҳои низомии Гвардияи миллӣ натиҷаҳои баланд нишон медиҳанд.

Маълум аст, ки мавқеи ҳар як сохтори низомиро дараҷаи омодагии ҷангӣ, таъминоти аслиҳаву техника, интизом ва маҳорату малакаи касбии ҳайати шахсӣ муайян мекунад. Гвардияи миллӣ ба ғайр аз машқҳои саҳроӣ, чорабинӣ ва машғулиятҳои гуногуни ҳарбӣ ҳар сол дар асоси ҳамкорӣ бо дигар сохторҳои низомии дохилу хориҷи кишвар фаъолона ширкат варзида, қобилияту дониши ҳарбии хешро такмил медиҳанд. Аз ҷумла дар машқҳои васеи низомӣ, ки дар якҷоягӣ бо Қувваҳои дастҷамъии вокуниши фаврии Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ ва Созмони ҳамкории Шанхай баргузор мегарданд, ҳайати шахсии Гвардияи миллӣ фаъолона ширкат мекунад.

Гвардияи миллии Тоҷикистон ҳамчунин барои беҳтар намудани вазъи таъминотӣ ва дараҷаи тахассусии афсарону мутахассисонаш бо бисёр кишварҳо ҳамкории судманд дорад. Ҳамкории пурсамар бо сохторҳои ҳамтои худ дар Федератсияи Русия, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва дигар кишварҳо ба роҳ монда шудаанд.

Умуман, ҳайати фармондеҳӣ ва шахсии Гвардияи миллӣ эътимоди қавӣ доранд, ки ин шохаи Қувваҳои Мусаллаҳи ҷумҳурӣ метавонад дар таъмини бехатарии кишвар дар ҳамбастагии зич бо дигар сохторҳои қудратии кишвар саҳми намоён дошта бошад.

Абдуфаттоҳ ШАРИФЗОДА
роҳбари Хадамоти
матбуоти Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои таърих,
профессор, узви вобастаи
Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон

*Сайҳомид ШАРИФЗОДА
номзади илмҳои таърих,
сардори Раёсати
таҳлил ваояндабинии
сиёсати дохилии
Маркази тадқиқоти
стратегии
назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон*

ПЕШВОИ МИЛЛАТ – БУНЁДГУЗОРИ АРТИШИ МИЛЛӢ

Баъд аз касби истиқлоли давлатӣ дар соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари 166 кишвари дунё аввалин қадамҳои худро ба арсаи байналмилалӣ ҳамчун субъекти мустақили муносибатҳои байналмилалӣ гузошт, ки он оғози марҳилаи нави давлатдории тоҷикон ба ҳисоб мерафт. Мутаассифона, бо талоши бадбинонаи ҳаракату гурӯҳҳои манфиатдори дохилӣ ва хориҷӣ бо гузашти як сол Тоҷикистони тозаистиқлол ба вартаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд. Дар натиҷа, алангаи оташи ҷанги хонумонсӯзи бародаркуш тамоми манотиқи кишвари ҷавони моро фаро гирифта, боиси ба амал омадани бухрони шадиди сиёсӣ ва иқтисодӣ гардид.

Дар натиҷаи таъсири ҷанги шаҳрвандӣ пояҳои ҳокимияти давлатӣ фалаҷ гардида, Тоҷикистони ҷавонро хатари нобуд гардидан аз харитаи сиёсии ҷаҳон таҳдид менамуд. Дар шароити мураккаби вазъи сиёсӣ дар кишвар ниҳодҳои давлатӣ аз ухдаи вазифаҳои дар наздашон гузошташуда набаромада, кормандони давлатиро тарсу ваҳм фаро гирифта буд ва аксари онҳо аз ишғоли вазифа дар ин ё он сохтор даст мекашиданд.

Маҳз дар чунин вазъи барои миллату сарзамини мо фавқулодда мураккаб, хиради азалӣ ва ҷонфидоии фарзандони асилу меҳандӯсти миллат зарур буд. Вазъи баамаломада тақозо менамуд, ки нафаре бояд зимоми идораи давлатро ба даст гирад, ки худро қурбон созад ва кишварро аз вартаи нобудӣ наҷот диҳад.

Ба қавли, “Худо он миллатеро сарварӣ дод, ки тақдираш ба дасти хеш бинвишт”- баргузории Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интихоб гардидани Эмомалӣ Раҳмон ба сифати Раиси Шуро, оғози марҳилаи нав дар ташаккули низоми давлатдории навини тоҷикон буд. Яке аз аввалин масъалаҳое, ки роҳбари ҷавони кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди худ гузоштанд таъмини сулҳу субот дар кишвар буд, зеро эшон дарк менамуданд, ки бе мавҷудияти сулҳу субот сартосарӣ дар кишвар таъмини рушди устувори дигар соҳаҳо ғайримкон аст. Аммо, дар он давраи ниҳоят душвори вазъи сиёсӣ пояҳои фаъолияти сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пурра фалаҷ гардида буданд. Ҳолати мавҷуда тақозо менамуд, ки фаъолияти ниҳодҳои мазкур аз сифр оғоз карда шавад ва чунин масъулияти сангинро Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бар душ гирифтанд.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар рафти ҷаласаи Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида буд, таъмини суботи сиёсӣ дар мамлакат ва хотима додан ба ҷанги бародаркуш ва дар ин замина, таъсис додани артиши миллӣ ва қувваҳои сарҳадӣ ба хотири пурзур кардани ҳифзи сарҳади давлатии Тоҷикистон, таъмини амнияти давлатӣ ва пуштибонии дастовардҳои истиқлолият буд.

Пӯшида нест, ки яке аз сабабҳои ҷиддии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ва вусъат ёфтани он вуҷуд надоштани Артиши миллӣ буд, ҳол он ки артиш яке аз рукнҳои асосӣ ва пойдевори ҳастии давлат мебошад. Дар он шароити мураккаби солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба ҷойи Артиши миллӣ нерӯҳои ҳарбии гурӯҳҳои мухолиф амал мекарданд, ки низоми ягонаи тобеият надоштанд. Ҳатто дар он шабу рӯзҳое, ки Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ кори худро идома медод, дар мамлакат зиёда аз 13 ситоди гурӯҳҳои мусаллаҳ ҳукм меронданд, ки аксари онҳо ба касе итоат намекарданд.

Бо мақсади таъмини сулҳу субот ва бақои давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори

сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, Раиси ҳамонвақтаи Шӯрои Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 18-декабри соли 1992 Қарори Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон» қабул гардид, ки роҳбарии он ба души Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардид. Дар ин замина 23-феврали соли 1993 дар шаҳри Душанбе аввалин Паради ҳарбии Артиши миллӣ баргузор гардида, маҳз ин санаи таъсиси Артиши миллӣ эълон гардид.

Ногуфта намонад, ки кишвари мо дар солҳои аввали таъсисёбии нерӯҳои мусаллаҳи миллӣ ба мушкилиҳои зиёд дучор гардид. Тавре, ки Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд: ***“аз собиқ давлати Шӯравӣ барои мо ягон қисми ҳарбӣ ё техникаи низомӣ мерос намонда буд.”*** Аз ин рӯ, таъминоти Артиши миллӣ бо қароргоҳу биноҳои лозима, техникаи ҳарбӣ, муҳимоти ҷангӣ, либос ва озуқаворӣ мушкилоти зиёде дошт. Вале ба мушкилоти мавҷуда нигоҳ накарда, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонистанд, марҳала ба марҳала тамоми шароити мусоидро дар низоми Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат фароҳам оваранд. Бо талоши бевоситаи Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон қисмҳои ҳарбӣ бо техникаю лавозимоти ҳарбӣ ва дигар маводи зарурӣ таъмин карда шуданд.

Агар саҳми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар ташаккули Артиши миллӣ таҳлил намоем, метавонем иброз намоем, ки он дар се ҷанбаи асосӣ ташаккул дода шуд:

-Заминаҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ, ки асоси фаъолияти босамари Артиши миллиро ташкил менамуд, фароҳам оварда шуд. Дар ин замина Фармони раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи тасдиқи матни савганди ҳарбӣ (17.02.1993.), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ”, (1993) содир ва қабул гардиданд.

Бояд таъкид намуд, ки муҳимтарин санади меъёрӣ ҳуқуқӣ дар танзими фаъолияти ҳарбии кишвар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (06.11.1994) ба ҳисоб меравад, ки он ба сифати қонуни асосӣ асли фаъолияти моро дар соҳаи низомӣ муайян менамояд. Маҳз дар асоси моддаи 43 он гуфта шудааст, ки “Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст. Тартиби хизмати ҳарбиро қонун муайян мекунад.” Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мудофиа” (1995) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон” (13.12.1996) қабул гардиданд.

Муҳимтар аз ҳама, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми ироаи Паёми (2022 с.) навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ таъкид намуданд, ки ***“Вазъи мураккаби ҷаҳони муосир моро водор менамояд, ки ҷиҳати суръат бахшидан ба навсозӣ ва муҷаҳҳазгардонии Қувваҳои Мусаллаҳ, баланд бардоштани омодабошии ҳарбӣ ва тақвияти иқтидори мудофиавии кишвар тадбирҳои зарурии иловагиро амалӣ намоем.”*** Аз ин рӯ, Ҳукумати мамлакат, Вазорати мудофиа ва дигар сохторҳои низомиро вазифадор намуданд, ки ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори мудофиавии кишвар Консепсияи мудофиаи миллиро таҳия ва пешниҳод намоянд. Маҳз ин масъала бори дигар аз таваҷҷуҳи Пешвои миллат, ҷиҳати таҳкими иқтидори мудофияи Артиши миллӣ дарак медиҳад.

-Ташаккули сохтор ва бунёди инфрасохтори зарурӣ, таҳкими заминаҳои моддиву техникии Қувваҳои Мусаллаҳ. Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои нахустини таъсисёбии Артиши миллӣ, бо вуҷуди вазъи номусоиди ҳарбиву сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар кишвар, ба сохтори ташкиливу штатӣ, таъминоти моддиву техникӣ, бунёди инфрасохтори зарурӣ, таҷҳизонидани қисмҳои ҳарбӣ ҷиҳати баланд бардоштани омодагии ҷангии хизматчиёни ҳарбӣ таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир менамоянд. Зеро Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд, ки Артиш ё худ Қувваҳои Мусаллаҳ дар ҳар давру замон барои ҳар як кишвари соҳибистиқлол кафили бехатарӣ ва таъминкунандаи ҳаёти осоиштаи мардуми он ба ҳисоб меравад.

Бо саҳми бевоситаи Пешвои миллат, Сар-

фармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ Эмомалӣ Раҳмон дар сохтори Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар марҳала ба марҳала Қӯшунҳои хушкигард (соли 1997), Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ (соли 1994) ва Қӯшунҳои зудамалро (соли 2003) таъсис дода, ба таъсиси Қӯшунҳои сарҳадӣ (соли 1994), Қӯшунҳои дохилӣ (соли 1993), Гвардияи миллӣ (соли 1995) ва дигар сохторҳои низомӣ шурӯъ намуданд. Бо вуҷуди мушкилоти зиёде, ки дар тӯли солҳои гузашта дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии кишвар ҷой доштанд, Артиши миллӣ тадриҷан ба як нерӯи тавонои ҳарбӣ табдил ёфт.

Бо дарназардошти зарурати ҳифзи сарҳадоти кишвар соли 1997-ум Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатии назди Ҳукумати Тоҷикистонро ташкил дода, аз соли 2005 ҳимояи марзҳои кишварамонро ҳамчун давлати соҳибистиқлол пурра ба ихтиёри худ гирифтем. Ҳоло Қӯшунҳои сарҳадӣ ҳамчун ҷузъи таркибии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат ҳифзи боэътимоди сарҳади давлатиро таъмин карда истодаанд.

Тибқи маълумотҳои расмӣ бо талоши бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони соҳибистиқлолии кишвар барои таъмин намудани ҳимояи сарҳади давлатӣ 3 раёсати минтақавӣ, 17 отряди сарҳадӣ, 2 отряди таъиноти махсус, эскадриляи алоҳидаи ҳавопаймоӣ, 7 комендатураи сарҳадӣ, 158 дидбонгоҳи сарҳадӣ, 35 нуқтаи гузаргоҳи сарҳадӣ, Донишкадаи олии сарҳадӣ, Гимназияи ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадӣ бо номи “Ворисони Куруши Кабир”, 4 маркази таълимӣ, 3 госпитали ҳарбӣ, 5 қисми ҳарбӣ дар самти таъминоти техникӣ таъсис ёфта, 187 иншооту бинои ёрирасон бунёд карда шуд.

Дар баробари ин, ҷиҳати таҳкими ҳимояи минтақаҳои осебпазири сарҳади давлатӣ бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ҳамкорӣ бо дигар сохтору мақомот 92 дидбонгоҳи сарҳадӣ бунёд ва 173 иншооти сарҳадӣ таҷдиду азнавсозӣ шудааст. Инчунин, садҳо километр роҳҳои нави мошингарди сарҳадӣ ва дигар иншооти ҳифзи сарҳад бунёд гардидааст. Бояд зикр намуд, ки бо супориши бевоситаи Пешвои миллат ҳанӯз соли 2008 Нақшаи дурнамои бунёди шаҳрчаҳои ҳарбӣ ва сохтмони манзил барои хизматчиёни низомӣ барои солҳои 2009-2020 таҳия шуда, давра ба давра дар амал татбиқ намудани он мушкилоту камбудиҳои дар ин бахш мавҷудаpo бартараф намуд.

-Тақвияти иқтидори кадрии ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша ба масоили вобаста ба тарбияи кадрҳои миллии афсарӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон, таҳсили онҳо дар дохил ва хориҷи кишвар ва даъвати босифати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, таъкид месозанд, ки роҳу усулҳои ғайриқонунии даъват ба сафҳои Артиши миллӣ бояд комилан аз миён бурда шавад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, ки муҳимтарин роҳи ҳалли ин мушкил тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии наврасону ҷавонон аз муассисаҳои томактабӣ ва мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ба ҳисоб меравад.

Дар даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз бо дастгирии бевоситаи Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ Эмомалӣ Раҳмон мактабҳои олӣ ва академияи ҳарбӣ, аз ҷумла Академияи Вазорати корҳои дохилӣ, мактабҳои олии тарбияи кадрҳо барои вазоратҳои мудофиа, амният ва Кумитаи ҳифзи сарҳади давлатӣ таъсис ёфтаанд. Пешвои миллат ҳамчунин ба тарбияи кадрҳои ҳарбӣ дар хориҷи кишвар низ таваҷҷуҳи махсус равона менамоянд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша таъкид менамоянд, ки таҳаввулоту авзои мураккаби сиёсию амниятӣ дар минтақа ва ҷаҳон ҳушдор аз он медиҳад, ки барои ба талаботи замони имрӯз мутобиқ гардонидани сатҳи омодабошии ҷангии Қувваҳои Мусаллаҳ, таълиму тарбияи мутахассисони баландихтисоси низомӣ, таъминоти ҷузъу томҳо бо техникаву технологияи замонавию лавозимоти муосири ҷангӣ ва тақвият бахшидани иқтидори мудофиавии кишвар тадбирҳои иловагиро татбиқ намоем.

Вобаста ба масоили болозикр таъкид намудан зарур аст, ки тибқи маълумотҳои расмӣ, дар замони истиқлол барои Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат, беш аз 10 ҳазор нафар, аз ҷумла танҳо барои Вазорати мудофиа дар муассисаҳои таҳси-

лоти олии кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон зиёда аз 3100 нафар ва дар Донишкадаи ҳарбии вазорат қариб 3000 кадрҳои баландихтисоси низомӣ омода карда шудаанд ва қариб 1000 нафар академияҳои ҳарбиро хатм намуданд. Ҳоло зиёда аз 90 фоизи афсароне, ки имрӯз дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ хизмат мекунанд, хатмкардагони донишкадаву академияҳои ҳарбӣ мебошанд.

Инчунин, тибқи оморҳои расмӣ, даврони истиқлол 2800 нафар ҷавон, аз ҷумла 1500 нафар Донишкадаи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1300 нафар донишкадаҳои олии хориҷи кишварро хатм намуда, ҳоло дар вазифаҳои афсарии ҷузъу томҳои Қӯшунҳои сарҳадӣ хизмат карда истодаанд.

Бояд таъкид намуд, ки Тоҷикистон аз оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва зуҳуроти номатлуб ба монанди терроризм ва экстремизм сабақҳои талх бардошта, ҷомеаи ҷаҳониро низ доим аз хатари густариши онҳо ҳушдор намуда, дар мубориза бо ин зуҳуроти хатарнок ва харобиовари ҷаҳони муосир бо тамоми кишварҳо ва созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ҳамкорӣ менамояд.

Илова бар ин, дар доираи ҳамкориҳои байналмилалии низомӣ Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон дар машқҳои муштараки фармондеҳиву ситодии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва Созмони ҳамкории Шанхай фаъолона иштирок намуда, қобилияти баланди омодагии ҷангии худро собит месозанд ва дар айни замон маҳорат ва таҷрибаи худро дар ин самт такмил медиҳанд.

Дар доираи рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ метавон иброз намуд, ки дар Тоҷикистон вобаста ба мавқеи геополитикии он бо мақсади таҳкими ҳамкориҳои амниятӣ дар чаҳорчӯбаи ниҳодҳои болозикр машқҳои ҳарбӣ баргузор мегарданд.

Шакли маъмули ҳамкорӣ дар самти таъмини амният миёни кишварҳо машқҳои ҳарбӣ дар чаҳорчӯбаи ИДМ, СҲШ ва САAД, машқҳои зиддитеррористии «Рубеж-2005», машқҳои тактикии махсус «Гром-2015», машқҳои махсуси муштараки қувва ва воситаҳои иктишофии қувваҳои мусаллаҳи кишварҳо «Поиск-2016», «Боевое братство-2017», машқҳои муштараки оперативӣ-стратегӣ таҳти унвони «Боевое братство-2018», тамриноти муштараки «Нерушимое братство-2019», инчунин «Взаимодействие-2021», «Поиск-2021» ва «Эшелон-2021», «Рубеж-2022» (САAД, Тоҷикистон) ва доираи дигар созмонҳои минтақавию байналмилалӣ баргузор гардидаанд, ки ҳадафи асосии онҳо таъмини ҳамоҳангии ҳамкориҳо дар мубориза бо терроризм, ифротгароӣ ва ҷудоихоҳӣ, фуруши маводи мухаддир, муҳоҷирати ғайриқонунӣ, гардиши силоҳ ва дигар таҳдиду хатарҳо ба ҳисоб меравindependent.

Аз ин рӯ, бо қаноатмандӣ метавон иброз дошт, ки бо талоши бевоситаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ҷиҳати ташаккули симои дохилӣ ва байналмилалии Артиши миллӣ фароҳам оварда шуда, инфрасохтори ҷузъу томҳои он мустаҳкам гардида, ҳайати кадрии он тақвият бахшида шудааст.

Дар маҷмуъ, дар зарфи 30 соли мавҷудияти Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фаъолияти ватандӯстонаи родмардони Ватан, асосҳои сохтори конститутсионӣ, рукнҳои тозаи идоракунии давлат, меъёрҳои танзимкунандаи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар мустаҳкам гардида, арзишҳои истиқлоли давлатӣ ҳифз ва ба ҷаҳониён муаррифӣ гардид. Бо ин ҳол, шароити мураккаби вазъи ҷаҳони муосир, аз ҳар як ҷавони ватандор, худшиносу худогоҳ тақозо менамояд, ки бо пуштибонӣ аз сиёсати ватанпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша ҷиҳати хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ омода бошанд. Махз таъкидҳои Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки мефармоянд: ***“хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ барои ҷавонон мактаби ҷавонмардӣ маҳсуб меёбад”***, моро бояд водор созад, ки барои ҳифзи марзу буми Ватани аҷдодиамон бо ҳисси баланд ва дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарварӣ, худшиносиву худогоҳӣ хидмат намоем.

САНАДИ РАҲНАМО

Паёми имсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ ба таври воқеӣ вазифаҳои навбатии ҳукумату давлат ва тамоми қишри ҷомеаро муайян намуд.

Ҷавҳари асосии Паём тарбияи маънавии инсон мебошад. Тарбияи насли наврас вазифаи оила, мактаб ва ҷомеа маҳсуб меёбад, чунки он мухотаби суханҳои пурмуҳтавои Роҳбари давлат буда, ин ячейкаҳои ҷамъиятӣ воқеан ба тарбияи инсони комил заминагузоранд.

Масалан, танҳо масъулияти баланди волидайн дар таълиму тарбияи фарзанд, тадриси ӯ дар мактаб, иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ, таъсиргузории омӯзгор ба таълиму тарбияи фарзанд ва ғайра ба инсони комил шудани наслаш мусоидат мекунад.

Ба ин монанд, амалҳои ибратбахши аъзои ҷомеа барои тарбияи инсони комил низ замина гузошта метавонад. Яъне аҳли ҷомеа метавонанд, завқи илмомӯзӣ ва донишандӯзии насли ҷавонро зиёд намоянд, ба ихтироъкориву эҷодкорӣ талқин созанд ва руҳияи онҳоро солиму қавӣ нигоҳ доранд. Ин аст, ки амалҳои неки аъзои ҷомеа ба ихтироъкорӣ, эҷодгарӣ ва дигар пешрафтҳо ба манфиатҳои иқтисодии шахсии фардҳо ва кулли аъзои ҷомеа таъсирбахш бошад ва руҳияи шикастнопазиру солим ба амнияти фардӣ ва ҷомеа таъсиргузор мешавад.

Бидуни шак, ҳидояти навбатии Пешвои миллат барои хондани 5 китоби бадеӣ дар як сол нигоҳи ҳам волидон ва ҳам фарзандонро ба зиндагӣ куллан тағйир дода, ахлоқро пок ва одобро солеҳ месозад. Ин ҷо ақидае пеши назарам омад, ки ***«Миллате, ки китобхон аст, пешрафти тамаддунҳоро фатҳ карда, онро ҳеҷ вақт аз даст намедиҳад».***

Ба ин хотир, бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи чорабиниҳо оид ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ китоби "Тоҷикон" аз нав чоп ва ҳамчун армуғон ба хонадони ҳар як тоҷик тақдим карда шуд. Ин иқдом яке аз амалҳои беҳтарини Пешвои миллат ба таблиғи китобхонӣ, рӯ овардан ва арҷ гузоштан ба таърихи куҳани миллати тоҷик мебошад.

Таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол гувоҳ аст, ки Роҳбари давлат пайваста таъкид менамояд, ки «Китобхониву китобдӯстӣ инсонро ҳатман ба қуллаҳои мурод мерасонад, мартабаашро дар ҷамъият баланд, ӯро ҳимматбаланду қадршинос мегардонад. Эҳтиром ба Ватан, ифтихор ба Тоҷикистони азиз, дӯст доштани ҳар гӯшаву канори он аз дуруст мутолиа кардани китоб ва аз бар кардани мазмуни матнҳои он ба даст меояд".

Баргузории озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" шаҳодат дод, ки заминаи калидии наҷоти бештар аз ҷоҳилӣ, мутаассибӣ ва тундгароӣ китоб аст. Маҳз китоб ба оламиён аз соҳибмаърифатӣ, тамаддунсозӣ, шаҳрсозиву шаҳрдорӣ ва соҳибдевону соҳибдафтар будани миллати тоҷик гувоҳӣ хоҳад дод.

Фарзандони мо зимни гуфтушунидҳо, баромадҳо, вохӯриҳо ва суҳбатҳо ба воя мерасанд ва тарзи сухангӯӣ, кордонӣ, амалкарди моро нусхабардорӣ менамоянд. Маҳз китоб хондан ва ҳифз намудани матну ашъор ва қиссаҳо дар пайдоиши нутқи равон замина мегузоранд ва суханҳои дағалу дурушт, таҳқирро аз байн бурда, забонро бойю зебо нигаҳ медорад.

Дар ин қисмат низ дар паём таъкид мешавад, "Забон оинаест, ки дар он симои пурҷилои миллат равшан инъикос мешавад ва мо бояд ба қадри ин нишонаи ҳастии миллат расем ва дар баробари ин, ба омӯзиши забонҳои русиву англисӣ ҳамчун забонҳои муошırати байналмилалӣ эътибори аввалиндараҷа диҳем".

Ин талабот кулли мардуми Тоҷикистонро водор менамояд, ки бо ифтихор аз он пайгирӣ карда, бахри ба манзалати яке аз халқҳои пешрафта расидан, бояд аз сабақҳои халқҳои пешрафтаи ҷаҳон истифода барем ва ба умеди дигарон нашуда, худамон талош варзем, ҳиммат намоем.

Боварии комил дорам, ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон ҳидоятҳои Пешвои миллатро, ки дар паём дарҷ шудаанд, сармашқи кор карда, дар тарбияву камолоти маънавии ҷавонон саҳмгузор мешаванд. Саҳмгузорӣ дар ин амали нек ба зиндагии босаодат ва ҳимояву пойдории Истиқлоли давлатӣ ва ваҳдати миллӣ оварда мерасонад.

Подполковники адлия
Абдуҷабборзода С.А.,
сардори шуъбаи назорати
тафтишоти пешакӣ дар
мақомоти прокуратураи ҳарбӣ

Татбиқи паём дар Гвардияи миллӣ

Дар паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии кишвар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳадафҳои стратегии давлат, фаъолияти Ҳукумати Тоҷикистон, вазорату идораҳои давлатиро таҳлил намуда, самтҳо ва роҳҳои рушди ояндаи кишварро барои солҳои минбаъда муайян намуданд, ки он барои мо хизматчиёни ҳарбӣ ҳам дастури созанда, ҳуҷҷати раҳнамо дар фаъолияти хизматӣ ва барномаи мукаммали зиндагии шоиста мебошад. Ҳайати шахсии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз афсарони Дастгоҳи марказӣ то ҷузъу томҳои қисмҳои ҳарбӣ дар толору маҷлисгоҳҳо ҷамъ омада, паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба Маҷлиси Олии кишвар «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дастҷамъона тамошо карданд.

Шарҳу тавзеҳи паём дар маҷлиси васеи Гвардияи миллӣ бо иштироки Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенанти гвардия Ҷамолзода Бобоҷон гузаронида шуд. Фармондеҳи Гвардияи миллӣ нуктаҳои асосии паёмро шарҳу тавзеҳ дода, оид ба бузургтарин дастовардҳои даврони истиқлол, татбиқи ҳадафу стратегияҳои давлатӣ, зиёд гардидани музди меҳнати амалкунандаи хизматчиёни ҳарбӣ изҳори андеша намуданд.Таъкид гардид, ки хизматчиёни ҳарбӣ ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошанд аз ин рӯ, ба ғайр аз вазифаҳои хизмативу ҷангӣ барои дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳо саҳми арзанда мегузоранд. Ҳамчунин дар идомаи маърӯза таъкид шуд, ки хизматчиёни ҳарбӣ аз ғамхориҳои пайвастаи Пешвои миллат ҷиҳати беҳтар намудани вазъи иҷтимоӣ, таъминот бо техникаву таҷҳизот ва муҳайё будани шароитҳои хизмат изҳори миннатдорӣ намуда, барои таъмини амнияти ва ҳаёти осудаи мардуми кишвар саъю кӯшиш менамоянд.

Бо мақсади пурсамар татбиқ намудани паём дар Гвардияи миллӣ «Нақшаи чорабиниҳо барои соли 2023 оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 декабри соли 2022 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» зикр гардидааст», ба имзо расид. Нақшаи мазкур аз 28 банд иборат буда, дар назди масъулини қисмҳои ҳарбӣ ва аксарияти самтҳои хизмати ҳарбӣ вазифаҳои мушаххас гузошта шудааст. Пеш аз ҳама вусъат додани корҳои тарғиботиву ташвиқотӣ дар байни ҳайати шахсӣ барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, худшиносӣ, ифтихор аз хизмати ҳарбӣ, ваҳдати миллӣ, омӯхтани илму ҳунар, маҳорату малакаи ҷангӣ. Ҳамчунин дар самти тайёрии ҷангӣ барои сайқал додани донишу малакаи касбии хизматчиёни ҳарбӣ гузаронидани ҷамъомадҳои таълимӣ, баромадҳои саҳроӣ, гузаронидани мусобиқаҳои варзишӣ, ҳарбӣ байни ҷузъу томҳои мухталиф ба нақша гирифта шудааст.

Полковники гвардия
Хайринисо КОМИЛЗОДА

ПЕШВОИ МИЛЛАТ - НАМОДИ ИФТИХОРУ НЕРУМАНДӢ

Эй поягузори кори артиш,
Аз туст ҳама барори артиш.

Ману артиш сисолаем. Фарқ миёни мо зиёд нест. Ҳар ду аз ибтидои соли 1993 ба арсаи ҳастӣ қадам гузоштем. Биёед, қазоват мекунем, ки як тифли ҷисман ва рӯҳан солиму комил то куҷо метавонад дар пайраҳаи ҳаёт худ ба худ рушд намуда, муваффақ шавад? Агар ӯро мураббӣ, парастору ғамхоре набошад. Муҳофизу раҳнамо, мушфиқу пуштибоне набошад. Албатта, наметавонад.

Ман дар оғӯши гарми модар ва ғамхориҳои падар, ғарқ дар шаҳди гулу гиёҳ, обҳои мусаффои чашмасор, фазои дилкаш ва дар домони кӯҳсорони сарбаланди кишвари маҳбубам-Тоҷикистон ба камол расидам.

Ҳамсоли ман - Артиши миллии Тоҷикистон дар зери хайма, дар шаби тӯфону тӯлонӣ "ба дунё омадааст" барои анҷом додани рисолати ҷавонмардӣ: барқарор намудани сулҳу ваҳдат, дифои марзу бум, ҳифозати дастовардҳои истиқлолият аз сармо ва бодҳои дайду. Дар чунин вазъи душвор аксарият ба рушду такомулаш бовар надоштанд, вале шахси худододу хайрандеш, такягоҳ шуд, Артиши миллӣ ташаккул ёфт.

Яъне, бунёдгузору ҳодӣ, мунодии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Сарфармондеҳи Олӣ мебошанд, ки ҳамеша барои мо ҷавонон намоди ифтихор ва нерумандӣ ҳастанд.

Албатта, бо ташаббуси Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон 23 феврали соли 1993 аввалин паради ҳарбии Артиши миллӣ доир шуд. Сафҳои онро афсарону сарбозони содиқи Ватан, ҷавонмардоне пурра карданд, ки дар рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ҷони худро дареғ надошта, барои истиқрори сулҳ сина сипар карданд. Ба ҳамаи норасоиҳо нигоҳ накарда, ворисони Дирафши Ковиён бо Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки моҳи ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи 16 –уми Шӯрои Олии Тоҷикистон қабул гардида буд, бо ифтихор ва эҳсоси баланди миллӣ қадам зада, аз оиндаи дурахшони давлати тоҷикон ва Артиши миллии

Тоҷикистон башорат доданд. Ҳарчанд ташкил намудани паради ҳарбӣ осон набуд, вале ин намоиш даҳҳо нафари дигарро шомили артиш кард, то ки барои таъмини амният, ҳифзи марзу бум ва ободии Ватани худ саъю кӯшиш намоянд. Шоири маъруфи тоҷик Муҳаммад Ғоиб барои тасдиқи заҳматҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле бамаврид гуфтаанд:

Мо, хизматчиёни ҳарбӣ барои таъмини амнияти Ватан, ҳифзи сулҳу субот ва дастовардҳои Истиқлолияти давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамеша омода ҳастем. Барои ин пайваста меомӯзем, маҳорату малакаи касбӣ ва ҷангии худро такмил медиҳем, аз навгониҳои илми ҳарбӣ, технологӣ истифода карда, дар ҳама ҳолат барои ҳифзу мудофиаи Ватан тайёрем.

Чун табиби дарди миллат оламаш бишнохта,
Бо давову бо даводав давлати хеш сохта.
Нест осон пуркунӣ бо бурд ҷойи бохта,
Аз зафар созад, ҳикоят парчами афрохта.

Баъди 30 сол ба монанди ман ҷавонони шарафманди диёр 30 ҳазоранд, 100 ҳазоранд, ки сафҳои Артиши миллиро пур карда, анъанаи неки ниёгонро идома медиҳанд. Рисолати артиш рисолати мост. Мо, хизматчиёни ҳарбӣ барои давлату миллат хизмат мекунем ва миллат ҳамеша ба пешво, раҳнамо эҳтиёҷ дорад. Пешво, Сарвари миллати тоҷик – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст.

Капитани гвардия
Неъматуллои ХОЛИҚ,
афсари калон-рӯзноманигори
шуъбаи иттилоот
ва робита бо ҷомеаи
Гвардияи миллии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Баҳри қасри ному нанги ориё

Поя созем устухони дасту по

Ифтихори миллати фархундаем,

Ворисони сомониён ҳастем мо

Дар вафо пайванди ҷон ҳастем мо.

Аз барои ҳаққи шири поки модарон,
Аз барои ҳурмати виқори хоҳарон,

Поси амри ҳаққи Пешвои хеш,
Ҷон ба каф ниҳодаем чун диловарон

Боварӣ ба мо бикун, эй Ватан,
эй Ватан

Баҳри ҳифзи ту сипар мекунем
ҷону тан.

Марди босадоқатем мисли
гурдҳои ту,

Лозим ар шавад кунем, ҷон фидо
барои ту.

АЛИЗОДА ҶОНИБЕК ҶУРАБЕК

30 сол аст, ки дар Артиши миллии Тоҷикистон пурсамар хизмат карда, аз унвони курсант ба рутбаи генерал-майори гвардия расидааст. Мактаб интернати махсуси ба номи генерал-майор Тошмухамедовро хатм карда, таҳсилро дар Омӯзишгоҳи олӣ-ҳарбии фармондеҳии алоқаи шаҳри Полтаваи Ҷумҳурии Украина идома додааст. Соли 2003 Донишгоҳи ҳарбии алоқаи шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россияро хатм намудааст. Хизматҳои шоистаи ӯ бо ордени «Спитамен» дараҷаи II, медали «Ҷасорат» ва дигар медалҳои ҷашнӣ қадрдонӣ шудааст.

КАФИЛИ АМНИЯТ ВА ЗИНДАГИИ ШОИСТА

– «Якҷоя дохил шуда, таҳсил мекунем, хизмат мекунем», аҳду паймон карданд ҳашт нафар наврасон аз як синф, ки дар дил хоҳиши хизматчии ҳарбӣ шудан доштанд. Бо азму ғайрати зиёд аз вилояти Хатлон ба шаҳри Душанбе омада, ҳама курсанти мактаб-интернати махсуси ба номи генерал-майор Тошмухамедов шуданд. Вале танҳо ду нафар таҳсилро ба сомон расонид. Яке Ҷонибек, дигари Тимур. Тимур Қурбонзода айни замон дар Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматро идома медиҳад. Генерал-майори гвардия Ализода Ҷонибек Ҷурабек Сардори Сарситод-муовини аввали фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

–Рафиқ генерал, шумо яке аз собиқадорони хизмати ҳарбӣ ҳастед. 30 соли фаъолияти Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ҳамчун як рукни давлатдорӣ чӣ гуна шарҳ медиҳед?

-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Артиши миллиро яке аз рукнҳои муҳимтарини давлатдории миллӣ ва сипари боэътимоди Ватанамон гуфта, борҳо таъкид намуданд, ки Қувваҳои Мусаллаҳ кафили амният ва зиндагии осоиштаи мардум мебошад. Асоси ҳама пешравии ҷомеа, бақои давлат аз ҳифзу нигаҳбонии сулҳу субот, ваҳдату ягонагӣ, таъмин намудани амният ва таҳкими истиқлолият аст. Муҳофизу пуштибони ин дастовардҳои бузург, неъматҳои пурарзиш бевосита Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Артиши миллӣ мебошанд.

Аз рӯзҳои аввали таъсисёбӣ то имрӯз ҳама сохтору ниҳодҳои Артиши миллӣ дар атрофи Сарвари давлат ҷамъ шуда, барои таъмини сулҳу амният ва якпорчагии Тоҷикистон саъю кӯшиш кардаанд. Бо гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ мубориза бурдан, дар ҳолате, ки Сарвари давлат танҳо роҳи мусолиҳаро пеш гирифтаанд, коре буд басо мушкил….

Ба ҳама душвориву норасоиҳо нигоҳ накарда, Артиши миллӣ аз иҷрои рисолати таърихии худ баромад: сулҳу ваҳдат барқарор шуд, истиқлолияти миллӣ таҳким ёфт, давлати милии тоҷикон дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ гардид. Албатта, бо қаҳрамонӣ, заҳмату сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат-Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Бо қаноатмандӣ иброз медорам, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба имкониятҳои иқтисодии кишвар корҳои зиёдро анҷом додааст. Ин тадбирҳо идома хоҳанд ёфт. Дар паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси

Олӣ вобаста ба баланд бардоштани омодабошии ҷангӣ, навсозӣ, муҷаҳҳазгардонии Қувваҳои Мусаллаҳ барои амалӣ намудани тадбирҳои иловагӣ дастур дода шуд.

Дигар ин ки барои беҳбудии фаъолияти сохтор ҳар таклифу пешниҳоде, ки ба манфиати давлату миллат аст, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ меёбад.

- Аз таърихи пайдоиши Сарситод дар артиш, мавқеъ ва вазифаҳои имрӯзаву ояндаи он каме маълумот медодед.

- Ҳарчанд ниёгони мо дар давлатдориву сипоҳдорӣ таърихи куҳан доранд ва аз усулҳои пешбурди амалиёти ҷангӣ бархӯрдор буданд, вале ман бо тақсимбандии вазифаҳо, бахусус ситод во нахӯрдаам.

Таърихи фаъолияти ситодҳо тақрибан 300 солро дар бар мегирад. Ман артиши давлати Россияро дар назар дорам. Сарситод дар низоми ҳарбӣ ҳамчун органи идоракунанда дар натиҷаи такмил ёфтани артиш ташкил карда шудааст. Ҳанӯз дар асри XVIII дар замони ҳукумронии Екатеринаи II дар асоси хизмати квартирмейстерӣ ва донишкадаи адъютантон Сарситод таъсис дода шуд. Дар сохтори он вобаста ба талаботи замон чандин маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки зимни он мавқеи Сарситод устувор, вазифаҳои минбаъдааш ҳамчун органи асосии роҳбарикунандаи ҷузъу томҳо дар артиш боз ҳам мушаххас гардид.

Яке аз вазифаҳои асосии Сарситод банақшагирӣ ва мунтазам таъмин намудани фаъолияти ҳамарӯза ва омодабошии ҷангии ҷузъу томҳо мебошад. Яъне, Сарситод бояд дар як вақт тамоми фаъолияти сохторро зери назорат дошта бошад. Дар ин раванд назорат, баҳисобгирии натиҷаҳо, таҳлили хизмати ҳарбӣ, коркарди ҳуҷҷатҳои роҳабарикунанда, харитаҳои топографӣ, истифодаи воситаҳои муосири коммуникатсионӣ, иттилоотӣ, таъмини бехатарии қӯшунҳо ва хизмати ҳарбӣ, риояи тартиботи оинномавӣ мавқеи махсус доранд.

Фаъолияти ҳамарӯзаи ҷузъу томҳо аз маҳорату қобилияти масъулини ситодҳо вобаста мебошад. Имрӯз аксари хизматчиёни ҳарбие, ки дар ин самт фаъолият доранд, хатмкардагони муассисаҳои олии ҳарбӣ, академияҳо мебошанд ва дар иҷрои вазифаҳо мутобиқ ба шароит ва вазъи ҷаҳони муосир хизматро ба роҳ мондаанд.

–Муҳтарам генерал, доираи фаъолияти Сарситод хеле васеъ аст. Шумо чӣ тавр барои назорату таҳлил ва натиҷагирии он саривақту босифат муваффақ мешавед?

Дар Сарситоди Гвардияи миллӣ ҳайати афсароне, хизмат мекунанд, ки дар ин самт таҷрибаи кофӣ дошта, вазифаҳои худро хуб медонанд. Бисёр мешавад ҳолатҳое, ки мо соати кории муайян надорем. Чунки агар вазифа гузошта шуд ва ё фармон шуд, - бояд ҳатман иҷро шавад. Албатта, дар ин кор муовини сардори Сарситод, сардорони раёсату шуъбаҳои он кумак мекунанд.

- Аз нигоҳи шумо афсари ситод бояд кадом хислатҳоро дошта бошад?

- Хизмат дар зерсохторҳои Сарситод бисёр ҷиддӣ ва ҷолиб аст. Агар моҳияти онро дарк намоӣ. Мефаҳмӣ, ки ба кори муҳим машғулӣ ва фаъолияти пурсамари дигарон ҳам аз ту вобастагӣ дорад.

Албатта, афсарони доно, ҳушёру зирак, ки аз мушкилиҳо ба осонӣ мебароянд барои ситод заруранд. Онҳо бояд бодиққат бошанд, дар назди худ мақсад гузошта тавонанд, мантиқан фикр карда, фавран хулосаи дуруст бароварда тавонанд.

- Фармон додан осон аст ё иҷро кардан?

- Фармон иҷро кардан осон аст. Чунки масъулияти бештар ба шахси фармондеҳ меафтад. Аз тарафи дигар ба қобилияти инсон вобастагӣ дорад. Дар таълимоти Конфуций омадааст: Агар рафтору кирдори хуб дошта бошӣ, бе фармон аз паси ту меравад, дар акси ҳол ба фармон ҳам итоат намекунанд.

- Таманнои шумо ба хизматчиёни ҳарбӣ

- Аз фурсати муносиб истифода карда, 30-юмин солгарди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ҳама собиқадорони хизмати ҳарбӣ, афсарону сарбозон табрик мегӯям. Барояшон саломатӣ, хушбахтӣ, комёбиҳои хизматӣ ва дар роҳи худшиносиву ҳифзи Ватан боз ҳам муваффақият мехоҳам.

Мусоҳиб
полковники гвардия
Хайринисо КОМИЛЗОДА

Ҳамеша ғолиб бошед!

Ҳайати шахсии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти хизматиро дар соли 2022 бо нишондодҳои хуб ҷамъбаст намуданд. Ин дастовардҳо дар ҷаласаи васеи Гвардия, ки дар он муовини котиби Шӯрои амнияти Тоҷикистон Файзуллозода Шараф Ҷаббор ва фармондеҳи Гвардияи миллӣ генерал-лейтенанти гвардия Бобоҷон Ҷамолзода иштирок доштанд, мавриди баррасӣ қарор гирифт. Фаъолияти хизматчиёни ҳарбӣ дар ҷузъу томҳо тибқи натиҷаи кори комиссияи санҷишӣ муайян ва баҳогузорӣ карда шуд. Дар ин асос бо фармони фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъбасти нишондодҳои тайёрии ҷангӣ, тарбияи ватандӯстӣ, хизмати қӯшунҳо ва бехатарии хизмати ҳарбии қисмҳои ҳарбии Гвардияи миллӣ дар соли 2022» дар байни ҷузъу том беҳтаринҳо ба таври зерин муайян карда шуданд:

Қисми ҳарбии 051052 сазовори ҷойи аввал гардида, бо «Байрақи сайёр» ва тӯҳфаи қимматнок-телевизор сарфароз гардонида шуд.

Соли 2022 барои хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони ғайринизомии Шифохонаи ҳарбӣ соли барору комёбӣ гардид. Ҳайати роҳбарикунандаи қисми ҳарбӣ дастуру супоришҳои фармондеҳи Гвардияи миллӣ ва накшаҳои кории Шифохонаро сариваҳт иҷро карда, ташхису табобати ҳайати шахсиро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монданд. Интизоми ҳарбӣ, риояи талаботи Оинномаҳои ҳарбӣ, пешбарии хизмат ва омодабошии ҷангии Шифохона таҳти назорат буда, бо таҷҳизоту дастгоҳҳои махсуси тиббӣ таъмин шуданд. Муваффақияти Шифохона аз хизмати шоистаи ҳайати шахсӣ ва кордонии командири қисми ҳарбӣ майори гвардия Дилшодзода Маҳмуд мебошад. Дар ҷамъбасти сол дар байни баталёнҳо Шифохонаи ҳарбӣ сазовори ҷойи якум гардид.

Хизматчиёни ҳарбие, ки дар шуъбачаи қисми ҳарбии 051063 хизмат мекунанд, аксарият ҷавонмардони машқдида ва таҷрибадор ҳастанд. Садоқат, ҷасорат ва иттиҳод шиори доимии онҳост. Соли 2022 фаъолияти ҳайати шахсии қисми ҳарбӣ бештар дар иҷрои вазифаҳо, машқҳои саҳроӣ ва сафарҳои хизматӣ гузашт. Онҳо тамоми фармону супоришҳоро сариваҳт иҷро карда, дар баробари ин

ҳангоми санҷиши комиссия оид ба меъёрҳои варзишӣ, маҳорату малакаи ҷангӣ, аслиҳаву техника қобилияти баланди касбӣ нишон додаанд. Ҳуҷҷатгузории шуъба ҳам дар сатҳи зарурӣ қарор дошт. Чуноне, ки подполковники гвардия Исматулло Файзуллозода иброз дошт,- муваффақияти шуъбача натиҷаи хизмати шоистаи ҳар як хизматчии ҳарбӣ, яъне коллективи мо мебошад. Қобили зикр аст, ки шуъбачаи қисми ҳарбии 051063 дар байни шуъбаҳои таъиноти махсус дар соли 2022 сазовори ҷойи авввал гардид.

Интизом асоси хизмати ҳарбӣ аст ва риояи он аз ҳайати шахсӣ иродаву масъулият талаб мекунад. Агар ин хислатҳо ба донишу маҳорат зам шаванд, дар ҳама кор комёбии роҳбар ва пирӯзии коллектив таъмин аст. Ҳамин меъёрҳо гурӯҳи таъиноти махсусро аз қисми ҳарбии 051055 ба мисоли беҳтарин муаррифӣ кард. Капитани гвардия Тоҷиддин Шоев, сардори гурӯҳ пайваста машғулиятҳои тайёрии ҷангиро бо ҳайати шахсӣ дар сатҳи зарурӣ ташкилу ба роҳ мондааст. Ин аст, ки пешбарии хизматро дар иншооти махсусан муҳими давлатӣ сарбаландона иҷро мекунанд. Ростқавлӣ, накӯкорӣ, озодакориву диловарӣ ва ҳамеша ҳамчун ҷавонмард ба ваъда вафо кардан, яъне ба Савганди ҳарбӣ содиқ будан, хислатҳои фарққунандаи капитани гвардия Тоҷиддин Шоев мебошад.

Се-чор сол мешавад, ки капитани гвардия Эмомалӣ Одиназода бо ҳайати шахсии ротааш дар ҳама чорабиниҳо фаъолона иштирок мекунанд. Агар сабқат байни командирони рота бошад ғолиб Эмо-

малӣ Одиназода мешавад ва агар байни ротаҳо бошад, боз ҳам муваффақият насиби ротаи Одиназода мегардад. Сабаби ин комёбиро мо дар иродаи қавӣ, меҳнатдӯстӣ, адолатпарварӣ, ватандӯстӣ, дониш ва ташаббускорӣ мебинем. Бояд қайд намоям, ки яке аз беҳтарин ротаҳо дар соли 2022 ротаи қисми ҳарбии 051059 гардид. Ҳайати шахсии ротаи мазкур дар иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва пешбарии наряди шабонарӯзӣ, тартибу интизом, иштирок дар озмуну викторинаҳо намунаи ибрат ва обрӯву эътибори қисми ҳарбӣ мебошанд. Умедворем, ки ҳамеша ғолиб бошед!

Лейтенанти калони гвардия Меҳроҷиддин Раҳимзода яке аз беҳтарин командирони взвод дар қисми ҳарбии 051064 мебошад. Взводи ӯ дар соли 2022 беҳтарин взвод муаррифӣ шуд. Ҳарчанд ӯ бисёр ҷавон аст, вале бо масъулияти баланд ба иҷрои вазифа камар бастааст. Зеро хуб дарк мекунад, ки дар самти хизмати ӯ маҳорату ҷиддият накши муҳим дорад.

- Ӯ хатмкардаи Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ҳамчун мутахассис барои аз худ кардани самти интихобкардааш кӯшишу ғайрати зиёд дорад. Мепурсад, меомӯзад, кӯшиш мекунад, ки ба ҳайати шахсӣ, ба сарбозони худ ҳам омӯзонад, чунин баҳо дод фаъолияти ҳамарӯзаи Меҳроҷиддин Раҳимзодаро командири қисми ҳарбии 051064 подполковники гвардия Исматулло Муҳибуллозода.

Сержантон дар хизмати ҳарбӣ, ба хусус идора кардани ҳайати шахсии сарбозон, риояи тартибу интизом, речаи рӯз ва

таълиму тарбияи наваскарон, дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани омодабошии ҷангӣ саҳми арзанда доранд. Маҳз барои ҳамин нишондодҳо сержанти калони гвардия Мусулмонбек Ҷӯраев, командири отделенияи якуми ротаи таълимии тайёрии командирони хурди қисми ҳарбии 051052 дар байни қисмҳои ҳарбӣ беҳтарин командири отделения дар соли 2022 эълон карда шуд. Номбурда дастуру супоришҳоро саривақт иҷро карда, барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва маҳорату малакаи сарбозон кӯшиш менамояд. Иштирокчии фаъоли мусобиқаҳои зеҳнӣ-ҳарбӣ мебошад.

Албатта, дар сафҳои Гвардияи миллӣ беҳтаринҳо хеле зиёданд. Мо танҳо чанд нафари онҳоро ҳамчун намуна манзури хонанда кардем. Хизмат дар иншооти муҳими давлатӣ, ҷузъу томҳои техникӣ, таъиноти махсус, самти алоқа, муҳандисӣ, тиб ва монанди инҳо масъулияти калон талаб мекунад. Хизмати содиқонаву шоистаи ҳар яки онҳо беҳтарин ва қобили ситоиш аст.

Полковники гвардия
Хайринисо КОМИЛЗОДА

Ғолибони мусобиқа

Масири тири камон ва тири абрӯ

Бонувон дар хизмати ҳарбӣ, иҷрои вазифаҳои ҷангӣ, пешбарии хизмат, иштирок дар сабқату озмунҳо хеле фаъоланд. Дастаи волейболбозони Гвардияи миллӣ дар мусобиқаҳо фаъолона иштирок карда, сазовори таҳсин мегарданд. Ғайр аз ин дар байни бонувон шиновару тенисбоз, шоҳмотбозу тирандоз ҳам ҳаст.

Ба муносибати 30-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон байни хизматчиёни ҳарбӣ-бонувони сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусобиқаи тирпаронӣ аз силоҳи оташфишон – тапончаи QZS-92 баргузор гардид. Мусобиқа 17 январи соли 2023 дар заминаи Литсеи ҳарбии Вазорати мудофиа гузаронида шуд, ки дар он 11 даста аз ҳама сохторҳо иштирок доштанд. Ҳайати дастаҳо аз ду нафар хизматчии ҳарбӣ-бонувон иборат буда, сабқатро ҳайати босалоҳияти афсарони собиқадор доварӣ карданд.

Дар ин мусобиқа аз Гвардия миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ду нафар бонувони хушсалиқа: лейтенанти гвардия Назризода Нигора, афсари калони раёсати кадрҳо ва таълимоти ҳарбии фармондеҳӣ, майори гвардия Бобизода Зебуннисо, афсар-равоншиноси шуъбачаи корҳои сиёсӣ-тарбиявии қисми ҳарбии 051054 иштирок доштанд.

Аз кӯшишу ғайрат, сару либоси мувофиқ, рафтору гуфтор ва интизоми бонувон маълум буд, ки ҳама ба сабқат хеле фаъолона ва моҳирона омодагӣ гирифтанд. Баробари саршавии озмун бонувон бо азму талош нишон мегирифтанд,– гуфт полковники гвардия Ҳотамҷон Раҳматзода, сардори шуъба-муовини сардори раёсати тайёрии ҷангии фармондеҳӣ, ки бонувонро аз Гвардия ба озмун омода карда буд.

Озмунро сардори раёсати тайёрии ҷангии Вазорати мудофиа генерал-майор Сафарзода Ҷамшед ҷамъбаст намуда, маҳорату малака, саъю кӯшиши занонро дар хизмати ҳарбӣ ва рафти мусобиқа, аз ҷумла нишонрасӣ шоистаи таҳсин хонд ва ҷамъбасти озмунро чунин эълон кард: бо бадаст овардани 36 хол бонувон аз Гвардияи миллӣ сазовори ҷойи сеюм шудаанд. Бо гирифтани 37 хол ҷойи дуюмро бонувон аз Қӯшунҳои сарҳадӣ соҳиб гардида, ҷойи аввал бо ҷамъи 42 хол насиби бонувон аз Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид. Ғолибон бо Ифтихорномаи вазири мудофиа, медал, мукофоти пулӣ ва Ҷом сарфароз карда шуданд.

Полковники гвардия
Хайринисо КОМИЛЗОДА

Қонуни
Ҷумҳурии Тоҷикистон

“Дар бораи ҷовидон гардонидани хотираи ҳалокшудагон ҳангоми ҳифзи Ватан”

ҶОВИДНОМА

Аз таърихи гузаштаи халқи тоҷик бармеояд, ки ҳар як амали ҷавонмардона ва ватанпарваронаи фарзандони баруманди миллат қобили эҳтиром ва таҳсин аст. Имрӯз барои мардуми шарифи Тоҷикистон махсусан хизматчиёни ҳарбӣ боиси шарафмандист, ки дар баробари ғамхориву дастгириҳои рӯзафзуни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамеша ҷонфидоӣ ва корнамоии фарзандони асили Ватан дар роҳи ҳимояи сарзамини аҷдодӣ зери таваҷҷуҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон генерали артиш Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Дар ҳамин радиф бахри пос доштан ва ҷовидон гардонидани хотираи ҳалокшудагон, ки дар роҳи ҳифзу ҳимояи Ватан ҷонисорӣ намудаанд, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷовидон гардонидани хотираи ҳалокшудагон ҳангоми ҳифзи Ватан” 24 декабри соли 2022, №1919 дар таҳрири нав ба имзо расонида шуд. Қонуни мазкур асосҳои ташкилию ҳуқуқии ҷовидон гардонидани хотираи шахсонеро, ки ҳангоми ҳифзи Ватан, ҳимояи сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ ҳалок шуданд, муайян ва ваколатҳои мақомоти давлатиро дар ин самт муқаррар менамояд.

Қонуни номбурда аз 6 боб ва 24 модда иборат буда, дар он пурра тамоми паҳлуҳои вобаста ба ҷовидон гардонидани хотираи ҳалокшудагон ҳангоми ҳифзи Ватан дарҷ гардидааст.

Дар ҳамин Қонун як қатор мафҳумҳои асосӣ мушаххас нишон дода шудаанд: аз ҷумла, ҷовидон гардонидани хотираи ҳалокшудагон ҳангоми ҳифзи Ватан – фаъолияте, ки ба нигоҳ доштани муносибати эҳтиромона нисбат ба шахсони ҳангоми ҳифзи Ватан, ҳимояи сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ ҳалокшуда (минбаъд-ҳалокшудагон ҳангоми ҳифзи Ватан) арҷ гузоштан ба шуҷоат, мардонагӣ ва қаҳрамонии онҳо, ҳамчунин баҳисобгирӣ, ба тартиб даровардан, ҳифзу нигоҳбонӣ кардани қабрҳои ҳарбӣ ва ёдгориҳои ҳарбӣ, гузаронидани корҳои ҷустуҷӯӣ бо мақсади пайдо кардани қабрҳои ҳарбии бақайдгирифтанашуда, муқаррар намудани маълумоти шахсии хизматчиёни ҳарбии ҳалокшуда ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда нигаронида шудааст, инчунин андешидани тадбирҳои иловагии дигаре, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунанд; шахсоне, ки ҳангоми ҳифзи Ватан ҳалок шудаанд – хизматчиёни ҳарбӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда, ки хотираи онҳо аз ҷониби давлат ҷовидон гардонида мешавад.

Гуфтан ба маврид аст, ки хотираи шаҳрвандони зерин ҷовидон гардонида мешавад: иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945; шаҳрвандоне, ки дар рафти муҳориба, ҳангоми иҷрои вазифаҳои ҷангӣ ё вазифаҳои дигари хизматӣ бахри ҳифзи Ватан ҳалок шудаанд; шаҳрвандоне, ки дар роҳи ҳифзи истиқлолияти давлатӣ ва ҳифзи сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳалокат расиданд; шаҳрвандоне, ки ҳангоми иҷрои вазифаи ҳарбӣ (хизматӣ) дар ҳудуди давлатҳои дигар барои ҳифзи манфиату амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалок шудаанд; шаҳрвандоне, ки ҳангоми ҳифзи Ватан ё дар ҳудуди давлатҳои дигар дар рафти иҷрои вазифаи ҳарбӣ (хизматӣ) аз ҷароҳат, контузия, маъюбӣ ё беморӣ, сарфи назар вақти фаро расидани оқибаташон вафот кардаанд, ҳамчунин дар рафти муҳориба ё иҷрои вазифаҳои дигари ҷангӣ бедарак ғоиб шуданд; шаҳрвандоне, ки ҳангоми ҳифзи Ватан ба асирӣ афтида ҳалок шудаанд (вафот кардаанд), вале шаъну

Мард намирад ба марг, марг аз ӯ ном ҷуст
Номе, ки ҷовид шуд, мурданаш осон куҷост!?

шарафи худро нигоҳ дошта, ба Ватан хиёнат накардаанд; шаҳрвандон, хизматчиёни ҳарбӣ, шахсони ба онҳо баробаркардашудаи ҳайати фармондеҳӣ, ақибгоҳӣ, ки корнамоиҳои шоиста дар роҳи ҳифзи Ватан нишон додаанд.

Инчунин, оромгоҳи ҳалокшудагон ба қайди давлатӣ гирифта шуда, маҷмааҳои ёдбуд бунёд гардида ва ба онҳо арҷ гузошта мешавад. Ҳамчунин, тавассути нашри китобҳо, асарҳои таърихӣ ва офаридани филмҳои ҳуҷҷатию бадеӣ хотираи ҳалокшудагон ҷовидон гардонида мешавад. Дар воситаҳои ахбори омма мавод оид ба корнамоии онҳое, ки ҳангоми ҳифзи Ватан ҳалок шудаанд чоп кардашуда, инчунин асарҳои адабию фарҳангӣ бахшида ба корнамоии онҳо эҷод карда мешавад. Қобили зикр аст, ки минбаъд ба маҳалҳо, кӯчаю майдонҳо, иншооти физикию географӣ, корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо, аз ҷумла ба ҳама зинаҳои муассисаҳои таълимӣ ва қисмҳои ҳарбӣ номи шахсоне, ки ҳангоми ҳифзи Ватан ҳалок

корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба ухда дорад.

Тавре аз Қонуни мазкур бармеояд, дар баробари дигар мақомоти марбута ба Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷовидон гардонидани хотираи ҳалокшудагон ҳангоми ҳифзи Ватан ваколатҳои зерин мансуб гардидааст:

1) ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи ҳалокшудаи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба қайд мегирад;

2) дар дарёфт намудан ва ҷамъоварии маълумот оид ба бедаракғоибшудагони ҳайати шахсии Гвардияи миллӣ иштирок менамояд;

3) тартиби нашри китобҳои ёдбудро дар Гвардияи миллӣ муайян менамояд.

Пос доштани хотираи ҳалокшудагон ҳангоми ҳифзи Ватан ва муҳофизати

“Эй далерон! Аз марг натарсед! Одамӣ бе замон намемирад ва агар замонаш расад, чӣ беҳтар аст аз мурдан дар майдони ҷанг!

Сари найзаҳоро ба рамз афканед,
Замоне бикӯшеду марди кунед!”

Сотим Улуғзода аз “Шоҳнома”

шудаанд гузошта ва дар рӯйхати ҳайати шахсии қисмҳои ҳарбӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии ҳарбӣ номи онҳо абадан ворид карда мешавад.

Корҳои вобаста ба масъалаи ҷовидон гардонидани хотираи ҳалокшудагон ҳангоми ҳифзи Ватанро Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати

мавзеъҳое, ки рамзи макони қаҳрамонӣ гирифтаанд, вазифаи муқаддас ва қарзи ҳар як шаҳрванд аст, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷовидон гардонидани хотираи ҳалокшудагон ҳангоми ҳифзи Ватан” пешбинӣ гардидааст.

Подполковники гвардия
Дилшод САЙФУДДИНЗОДА,
сардори шуъбаи ҳуқуқи
раёсати корҳои фармондеҳӣ

Дӯст доштани Ватан дӯст доштани модар аст. Меҳре, ки ба модари худ дорем, бояд ба Ватани худ низ дошта бошем. Ватандорӣ як рукни ҳастии миллат ва неъмати бузурги бебаҳо аст. Волотарин меъёри ватандорию ватандӯстӣ расидан ба қадри Ватан, миллат ва давлати соҳибистиқлол, ба ҷо овардани хизмати Ватан ва ҳифзи марзу буми он аст.

Эмомалӣ Раҳмон

ПЕШСАФИРО АЗ ДАСТ НАМЕДИҲЕМ!

Дар асоси натиҷаҳои соли 2022 барои нишондодҳои баланди хизматӣ дар самти хизмати кӯшунҳо ва бехатарии хизмати ҳарбӣ, тайёрии ҷангӣ, корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ, аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ, ақибгоҳ, омода намудани мутахассисон ва дар сатҳи баланд нигоҳ доштани таълиму тарбия қисми ҳарбии 051052 сазовори ҷойи аввал ва соҳиби “Байрақи сайёр”-и Гвардияи миллӣ гардид. Ба раванди таҳсил ва омилҳои асосии муваффақ гаштани онҳо дар соли 2022 аз наздик шинос шудем. Нахуст бо командири қисми ҳарбӣ подполковники гвардия Олимҷон Раҳимзода дар мавриди дастовардҳои хизматӣ дар соли сипаригардида суҳбат намудем.

–Рафиқ подполковник, мехостам ба хонандаи маҷаллаи “Родмардони Ватан” доир ба фаъолияти мунтазами қисми ҳарбӣ ва омилҳое, ки боиси дастовардҳои шумо шудаанд, маълумот медодед?

–Ташаккур! Қисми ҳарбии 051052 дар пуррагардонии ҷузъу томҳои Гвардияи миллӣ саҳми арзанда дорад. Ҳар як давраи таҳсил дар марказ барномаҳои мукаммали курси афсарони ҷавон, прапоршикон, командирони хурд ва мутахассисони хурд бомуваффақият ба анҷом расонида мешавад. Соли сипаригардида ҳайати шахсии қисми ҳарбӣ вазифаҳои хизматиро ҷиҳати омода намудани мутахассисон ва ба итмом расонидани барномаҳои мукаммали таълимӣ сарбаландона иҷро намуданд. Ҳайати шахсӣ баҳри иҷрои намунавии вазифаҳои бардушдошта ҷаҳду талоши зиёд намуданд ва албатта, ин ҷаҳду талош бе натиҷа намонд. Чуноне ки ба Шумо маълум аст дар ҷаласаи ҷамъбасти фаъолияти Гвардияи миллӣ дар соли 2022 “Байрақи сайёр” насиби қисми ҳарбии мо гардид. Соли дуюм аст, ки муваффақият ҳамсафари мо буда, “Байрақи сайёр”-и Гвардияи миллӣ” насиби қисми ҳарбии мо мегардад. Ин комёбӣ пеш аз ҳама аз ҳар як афсар, сержант, мураббиву муаллимони марказ, ки дар раванди таълим саҳм доранд, масъулияти дучандро тақозо мекунад.

–Аз 3-юми январ дар ҷузъу томҳои Гвардияи миллӣ давраи таҳсили зимистона оғоз гардид ва ҳайати шахсии қисмҳои ҳарбӣ ба иҷрои машғулиятҳо шурӯъ намуданд. Дар Маркази тайёрии кадрҳо раванди таълим ва баргузории дарсу машғулиятҳои таълимӣ дар кадом сатҳ қарор дорад?

Қабл аз оғози давраи зимистонаи соли таҳсил дар Маркази тайёрии кадрҳо нақша-чорабиниҳо вобаста ба қабулу ҷобаҷогузории таълимгирандагон амалӣ карда шуд. Айни замон дар марказ дарсу машғулиятҳои таълимӣ тибқи ҷадвалҳои тасдиқшуда бо курси афсарони ҷавон, прапоршикон, командирони хурд ва мутахассисони хурд ҷараён дорад. Соли 2022 дар қисми ҳарбӣ наздики 400 нафар хизматчиёни ҳарбӣ барномаҳои мукаммали таълимиро сарбаландона аз худ намуда, баҳри иҷрои вазифаҳои хизматӣ ба қисму воҳидҳои Гвардияи миллӣ сафарбар гардиданд.

-Воқеан, риояи интизоми ҳарбӣ, иҷрои тартиби муқаррargardидаи хизмат ва дар сатҳи дуруст ба роҳ мондани талаботи оинномаҳои ҳарбӣ омили асосии муваффақият мегардад.

Дар ин даргоҳи ҳунар собиқадорони хизмати ҳарбӣ ба ҳайси мураббӣ фаъолият карда, дар раванди таълим ва тайёр намудани мутахассисон саҳми муносиб мегузоранд. Полковникони эҳтиётӣ Эмомалӣ Зайналов, Давлаҳмад Нуров, Раҳмон Ибрагимов, майори эҳтиётӣ Саиднуриддин Азизов ва дигарон беҳтарин устодони соҳа мебошанд, ки дар таълиму тарбияи ҳайати шахсӣ, ба афсарони ҷавону сарбозон дарсу маҳорат меомӯзанд.

– Дар ҳақиқат таълиму тарбия кори басо мураккабу душвор аст. Дар баробари курсҳои таълимӣ дар қисми ҳарбӣ ҳар сол ду маротиба қабулу ҷобаҷогузорӣ ва омода кардани наваскарон ба хизмати ҳарбӣ ташкилу ба роҳ монда мешавад. Соли 2022 дар ҳар ду мавсими даъват наваскарон дар марказ барномаи ибтидоии хизмати ҳарбиро аз худ карда, баъди қабули савганд ба ҷузъу томҳо равона карда шуданд. Дар кори таълиму тарбияи афсарону сарбозон ва баланд бардоштани маҳорату малакаи касбии онҳо омӯзгорони марказ муваззаф шудаанд,– иброз намуд подполковники гвардия Дилшод Тағойзода, сардори ситоди қисми ҳарбӣ.

Сержантони қисми ҳарбии 051052 аз ҷумлаи сержантони фаъол мебошанд, ки дар баробари кор бо наваскарону таълимгирандагон, дар озмунҳои зеҳнӣ-ҳарбӣ мавқеи намоёнро ишғол мекунанд. Сержантони гвардия Мариншоев Ваҳдатшо ва Ҷӯраев Мусулмонбек соли 2022 дар мусобиқаи зеҳнӣ-ҳарбӣ миёни сержантони гвардия ҷойи аввалро сазовор гардиданд. Сержанти гвардия Мариншоев Ваҳдатшо ғолиби озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” дар соли 2021 мебошад. Ӯ тасмим гирифтааст, ки соли 2023 дар озмуни ҷумҳуриявии “ “Тоҷикон”- оинаи таърихи миллат” иштирок намуда, номи қисми ҳарбиашро баланд бардорад.

– Соли 2022 дар баробари афсарон сержантони қисми ҳарбӣ дар таълиму тарбияи зердастон ва ҳам иштирок намудан дар мусобиқаву озмунҳои зеҳнӣ фаъол буданд. Дастаи қисми ҳарбӣ дар мусобиқаи варзишӣ, ки бахшида ба ҷашни байналмилалии “Наврӯз” баргузор гардид, миёни дастаҳои варзишии қисмҳои ҳарбии Гвардияи миллӣ ҷойи якумро соҳиб гардид. Ҳамчунин, дастаи дигари қисми ҳарбӣ дар озмуни “Беҳтарин донанди Оинномаҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон” дастаи беҳтарин унвон гирифт, – иброз намуд подполковники гвардия Амриддин Юсуфзода, командири баталёни қисми ҳарбӣ.

Ҳангоми суҳбат муовини командир оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ майори гвардия Бобохон Зоиров бо сарбаландӣ изҳор намуд, ки мо, ҳайати шахсии қисми ҳарбӣ дар соли

таҳсили 2023 ҳам кӯшиш мекунем, ки мавқеи пешсафиро аз даст надода, дар ҳама самтҳои фаъолият шоиста ва содиқона хизмат намоем.

Мусоҳиб
капитани гвардия
Неъматуллои ХОЛИҚ

Терроризм як зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ буда, ба ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ҳар гуна офатҳои табиӣ зарари бештар мерасонад. Бинобар ин мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм яке аз масъалаҳои асосии хусусияти ҷаҳонидошта мебошад. Ин вабои аср ба амнияти тамоми давлатҳои ҷаҳон хатар дорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 декабри соли 2022 қайд намуданд:***"Имрӯзҳо гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ барои даъват ба сафҳои худ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳу усулҳои навро истифода карда, ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳро ба ғояҳои тундгароӣ гумроҳ месозанд"***. Дар идомаи суханронӣ Сарвари давлат роҳи ҳалли ин мушкилотро дар баланд бардоштани ифтихори миллӣ ва эҳсоси ватандӯстии насли наврасу ҷавон дида, ба вазорату идораҳо, муассисаҳои таълимӣ дастуру супоришҳои мушаххас доданд. Ҳамчунин зимни дигар баромаду вохӯриҳо бо низомиёни мамлакат ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот таъкид намуданд, ки «воқеоту таҳаввулоти ҷомеаи мухталифи ҷаҳонӣ ҳар яки моро водор мекунад, ки зиракии сиёсӣ, омодагии доимӣ, эҳсоси баланди ватандӯстӣ, худогоҳӣ ва муқаддас доштану ҳифз намудани ҳама арзишҳои истиқлолияти давлати куҳанбунёдамонро аз даст надиҳем».

Мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки ҳомиёни терроризми ҷаҳонӣ дар аксари маврид зеҳни ҷавонони камтаҷрибаро бо тарғиботи ҳимоят аз муқаддасоти динӣ фирефта, дар асл онҳоро барои анҷоми мақсадҳои ғаразноки хеш истифода мебаранд. Ҷавононе, ки «мағзшӯӣ» мешаванд, баҳри молу сарват даст ба қатлу харобкорӣ мезананд, барои онҳо муқаддасот вуҷуд надорад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин матлабро хеле мушаххас баён кардаанд: ***"Террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад"***

Мубориза зидди терроризм ва экстремизм ҳамкории пайваставу мутақобилаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хадамоти махсус, сохторҳои қудратӣ ва аҳли ҷомеаро тақозо менамояд. Равияву ташкилотҳои тундрави террористиву экстремистӣ ва дигар зуҳуроти таҳдидовару хатарнок метавонанд сулҳу субот ва ҳаёти орому осудаи мардуми сайёраро халалдор намоянд.

Бинобар ин, ҳамагонро лозим аст, то кӯшиш ба харҷ дода фарҳанги динию миллиамонро боло бардошта, ба ҷомеа фаҳмонда тавонем, ки бо тақлидҳои кӯркӯрона дунболи гурӯҳҳои ифротӣ нараванд. Ҳар як шаҳрванд, хусусан насли ҷавони ҷомеаро месазад, ки арзишҳои миллатро эҳтиром намояду аз гузаштаи пурғановати худ ибрат гирад.

Вобаста ба авзои мураккаб ва ҳасоси ҷаҳон-вазъи шадиди геополитикии сайёра, афзудани таҳдиду хатарҳои минтақавию умумиҷаҳонӣ, пеш аз ҳама афзоиш ёфтани падидаҳои нангину хатарноки терроризм, экстремизм, муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ дар назди ҳайати шахсии тамоми сохторҳои низомӣ вазифаҳои ниҳоят муҳим гузоштаанд, ки хизмати ҳушёронаи шабонарӯзӣ, фидокорӣ ва мутобиқсозии оқилонаву муассири фаъолияти нерӯҳои дифоии мамлакатро тақозо мекунанд.

Бинобар ин моро лозим аст, ки масъалаи терроризм ва экстремизмро кори саҳлу сода напиндорем ва барои ҳалли ин мушкилот бо тамоми қудрату тавон мубориза барем. Ҳамчунин тибқи дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳушёрӣ ва зиракии сиёсиро аз даст надода, баҳри нигаҳ доштани сулҳу субот ва таъмини амният дар минтақа, бахусус дар Ватани азизамон -Тоҷикистон, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, ҳимояи марзу буми кишвар, омодабошии ҷангӣ ва пешгирӣ намудани шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои экстремистию террористӣ ва дигар зуҳуроти номатлуби ҷомеа саъю кӯшиш намуда, тамоми тадбирҳои заруриро татбиқ намоем.

Мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм кори дастҷамъист

Подполковники адлия
Баҳризода А.Х.,
прокурори калони ҳарбии
шуъбаи назорати таҳқиқ дар
Қувваҳои Мусаллаҳ
ва дигар сохторҳои ҳарбии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мардуми шарафманди Тоҷикистон, ташкилоту муассисаҳо, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои ҳарбӣ 30-юмин солгарди Рӯзи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо шукӯҳу шаҳомати хоса ҷашн мегиранд. Зеро ин ҷашн тамоми қишрҳои ҷомеаи шаҳрвандиро дар ҳимояи марзу буми Ватан, таъмини амнияти дастҷамъона, баланд бардоштани ҳувияти миллӣ, зиракиву ҳушёрии сиёсӣ бо ҳам муттаҳид мекунад, инчунин моро водор месозад, ки Ватани худро дӯст дорем, ҳар зарраи хоки онро ҳифз намоем. Зеро ин қарзи шаҳрвандӣ ва рисолати таърихии ҳар як шаҳрванд мебошад.

Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намудаанд ***«Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ қарзи фарзандӣ, вазифаи пуриффтихори шаҳрвандии ҳар як ҷавонмарди бонангу бошараф ва нишонаи садоқат ба Ватан ва халқи Тоҷикистон мебошад»***

Гарчанде Қувваҳои Мусаллаҳи мо бе ягон заминаи иқтисодиву иҷтимоӣ дар вазъияти ниҳоят мушкили сиёсиву иқтисодӣ ва кашмакашиҳои дохилӣ ташкил шуда бошад ҳам, бо шарофати сиёсати оқилона ва дурбинонаи Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар муддати кутоҳ ба як нерӯи муттаҳиду муқтадир ва сипари шикастнопазир табдил ёфтааст.

Чи тавре ки ёд дорем 23 феврали соли 1993 аввалин паради ҳарбии Артиши Тоҷикистон баргузор гардид. Дар ин гузашти низомӣ афсарону сарбозони содиқу ватандӯст бо ифтихору эҳсоси баланди миллӣ иштирок намуданд, ки хеле хотирмону фаромӯшношуданӣ буд. Он рӯзҳои мушкил мардуми одӣ дар симои Артиши навбунёд аввалин пуштибону ҳомиёни худ ва Ватани азизи хешро медиданд.

Аз он рӯзҳои мудҳиш 30 сол сипарӣ шуд. Албатта, ин муҳлат дар назди таърих бисёр кӯтоҳу ночиз аст, вале барои афсарону аскарони тоҷик садҳо саҳифаи корнамоиву ҷавонмардӣ барои таъмини сулҳу осоиши мардуми Тоҷикистон мебошад. Хушбахтона, имрӯз хизматчиёни ҳарбӣ бо шароитҳои мусоид ва ба талаботи замон мувофиқ таъмин гардидаанд.

Полковники гвардия Хушбахт ҚУВВАТЗОДА, сардори шуъбаи фармонҳои раёсати корҳои фармондеҳӣ

Мустаҳкаму устуворем

Яке аз дастовардҳои бузург таъмин гардидани ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ бо мутахассисони касбии дорои маълумоти олии ҳарбӣ мебошад. Барои расидан ба ин ҳадафҳо академия, донишкадаву омӯзишгоҳи ҳарбӣ ташкил карда шуданд. Ҳамчунин, тайёр намудани мутахассисони ҳарбӣ дар мамолики ба мо дӯст ба роҳ монда шудааст.

Имрӯз мардуми заҳматқарини тоҷик дар симои хизматчиёни ҳарбӣ фарзандони бонангу номус ва ғаюру далери худро мебинанд. Бовар доранд, ки ҳимояи Ватан ба зиммаи фарзандони далер, содиқу сарсупурдаи миллат вогузор шудааст. Мардуми шарафманди тоҷик ба ҳамин умед, ҳар сол фарзандони худро ба ҳифзу ҳимояи Ватан, аз худ намудани таълимоти ҳарбӣ, дӯст доштану эҳтироми сарзамини аҷдодӣ мефиристанд ва ба ҳамин васила сафи хизматчиёни ҳарбӣ – ҳомиёни марзу буми давлатро зиёд мегардонанд.

Мо ҳеҷ гоҳ он хизматчиёни ҳарбиеро, ки дар роҳи хизмат ба Ватан, таъмини амният, ба даст овардани сулҳу субот, мубориза бо гурӯҳҳои ҷиноятпеша, ифротгароию тундрав ва терроризму экстремистӣ ҷони худро қурбон кардаанд, фаромӯш намекунем. Қобили қайд аст, ки чунин нафарон дар Гвардияи миллӣ низ ҳастанд. Ёдашон ба хайр! Хушбахтона, имрӯз кори онҳоро фарзандон ва ҳамсафони содиқашон давом дода истодаанд.

Мо, хизматчиёни ҳарбии Гвардияи миллӣ барои таъмини волоияти қонун, ҳифзи манфиатҳои давлат, баланд бардоштани интизоми ҳарбӣ ва омодабошии ҷангӣ саҳм гузошта, рисолати таърихии худро дар ҳифзу мудофиаи Ватан, риояву эҳтироми арзишҳои олии инсонӣ дар сатҳи баланди касбӣ иҷро менамоем. Мо дар якҷоягӣ қувваи мустаҳкаму устуворем. Ба халқу Ватан, ба Президенти Тоҷикистон содиқона хизмат карда, бахри дар амал татбиқ намудани сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми неру ва донишу малакаи худро равона месозем.

Хизматро шарафмандона пеш мебарем!

Касе аз модар сарбоз таваллуд намешавад, сарбозро ба воя мерасонанд.

Константин Симонов

–Соли сипаригардида бароям соли хотирмон буд. Соли саршор аз муваффақиятҳои хизматӣ. Дар мусобиқаи зеҳнӣ-ҳарбӣ миёни командирони рота ду маротиба, яъне дар ҳар ду давраи таҳсил мавқеи аввалро соҳиб гардидам. Дигар ин ки ротае, ки ман бевосита онро роҳбарӣ мекунам, дар соли 2022 барои омодагӣ ва тайёрии ҷангӣ, риояи интизоми ҳарбӣ, пешбарии хизмат ва бехатарии он миёни ротаҳои қисмҳои ҳарбии Гвардияи миллӣ ҷойи якумро ишғол намуд. Ман фикр мекунам, ки барои ҳар нафар метавонад ҳама сол соли хубу комёбӣ гардад, агар шахс кӯшишу ғайрат дошта бошад, –бо ифтихор мегӯяд капитани гвардия Эмомалӣ Одиназода, командири рота аз қисми ҳарбии 051059.

Эмомалӣ Одиназода барои гвардиячиён чеҳраи ошност, зеро соли дуюм аст, ки мо ӯро дар маҷаллаву рӯзнома ва барномаи “Родмардони Ватан” муаррифӣ мекунем. Одиназода Эмомалӣ яке аз афсарони фаъол дар Гвардияи миллӣ мебошад, ки хизматро ҳамчун рисолати ҷавонмардӣ ва қарзи шаҳрвандӣ дониста, сарбаландона пеш мебарад. Пешбурди хизмати ҳарбӣ дар ҳама ҷузъу том низоми муқарраргардида ва ягона аст, ки иҷро кардани он барои афсарону сарбозон ҳатмӣ мебошад. Вале ҳангоми суҳбат ва боздид аз ротаи Одиназода Эмомалӣ маълум шуд, ки қобилияти роҳбарии командир, рафоқату ҳамдигарфаҳмӣ дар коллектив ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монданӣ таълиму тарбия аст, ки аз ҷониби ҳайати комиссияи маҷмуавии Гвардияи миллӣ ба фаъолияти рота баҳои баланд дода шуд.

Дар пайравӣ аз сифатҳои хуби инсонӣ ва маҳорату малакаи ҳарбии командир сарбозон таҷрибаву дониш меомӯзанд. Ин аст, ки лейтенанти калони гвардия Саидзода Меҳроб, командири взводи ҳамин рота бо роҳнамоии Одиназода Эмомалӣ ва дар якҷоягӣ сайқал додани донишҳои соҳавӣ дар мусобиқаи зеҳнӣ-ҳарбӣ миёни командирони взводҳо дар нимсолаи дуюми соли хониши 2022 сазовори ҷойи якум гардид.

-Бори якум буд, ки дар ин озмун иштирок намудам ва хушбахтона ғолиб гаштам. Иштирок дар озмуну чорабиниҳои зеҳнӣ ва варзишӣ шахсро ба донишандӯзӣ, машқу тамрин, ҳушёриву чолокӣ ва бештар мутолиа кардани китобу рӯзномаҳои даврӣ ҳидоят мекунад. Фикр мекунам ҳар як хизматчии ҳарбӣ, ки дар кадом ҷузъу томе адои хизмат мекунад, бояд дар хизмати Ватан - Модар устувору ҷиддӣ бошад ва бо хизмати намунавӣ номи қисми ҳарбии худро баланд бардорад,-иброз дошт лейтенанти калони гвардия Саидзода Меҳроб, командири взвод аз қисми ҳарбии 051059.

Яке аз дигари афсарони фаъол майори гвардия Ҳомидзода Лаззат аз қисми ҳарбии 051055 мебошад. Ӯ



соли 2022 дар озмуни “Беҳтарин донандаи Оинномаҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон” миёни хизматчиёни ҳарбии Гвардияи миллӣ ҷойи якумро сазовор гардид. Ҳангоми суҳбат номбурда чунин ибрози андеша намуд: “Ман аз замони курсантиям дар озмуну мусобиқаҳо фаъолона иштирок мекунам. Иштирок дар мусобиқаҳо ва озмунҳо бояд бо омодагӣ ва шавқу рағбат сурат гирад. Солҳои қаблӣ низ дар озмуну сабқаҳои ҳарбию варзишӣ миёни хизматчиёни ҳарбии Гвардияи миллӣ иштирок мекардам ва борҳо сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардидам. Тавассути иштирок дар озмунҳо тавонистам сатҳи дониш ва малакаи касбии хешро то андозае баланд бардорам”.

Ғолибони озмуну мусобиқаҳои зеҳнӣ дар соли 2022, аз ҷониби фармондеҳи Гвардияи миллӣ бо тӯҳфаҳои арзандаву хотирмон қадрдонӣ гардиданд.

Боиси хушнудист, ки дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои миллат дар паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии кишвар ҷиҳати баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонон, фармондеҳи Гвардияи миллӣ барои дар соли 2023 зиёд кардани озмуну викторинаҳо ва ҷой додани онҳо дар нақшаи кории самтҳои асосии хизмати ҳарбӣ вазифагузорӣ намуданд. Афсарону сарбозонро мебояд, ки ба омӯзиши машғулиятҳои таълимӣ, донистани дастурамалу оинномаҳои ҳарбӣ, аз бар кардани силоҳу муҳимот ва техникаи ҳарбӣ ҷиддӣ машғул шуда, дар озмуну сабқатҳо фаъолона ширкат варзанд. Масъулини соҳа бошанд барои ҳар чӣ бештар шавқовару ҷолиб гузаронидани чорабиниҳо аз роҳу усулҳои нав ва маърифатии он истифода намоянд.

Капитани гвардия
Неъматуллои ХОЛИҚ

Иқдоми нек

Пайравӣ аз сиёсати пешгирифтаи Пешвои миллат

Дасти кумак дароз кардан ба ятимону маъюбон хислати неки инсонист. Дастгириҳои пайваста ва таваҷҷуҳу ғамхориҳо нисбат ба маъюбону ятимон дар меҳвари сиёсати давлату ҳукумати мамлакат қарор дошта, аз амалҳои хайрхоҳона ва инсондӯстонаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд. Дар пайравӣ ба ин хислатҳои башардӯстонаи Пешвои миллат роҳбарияти Гвардия миллӣ пайваста ба эҳтиёҷмандон дасти хайру эҳсон дароз мекунад. Бо ин мақсад 27 декабри соли 2022 дар арафаи Соли нави мелодӣ ба мактаб-интернати ҷумҳуриявии низомаш махсус, ки дар шаҳри Ҳисор ҷойгир шудааст, шириниву амвои озуқа ёрии моддӣ расонда шуд. Кумак аз гӯшт,орду равған, шакар, биринҷу макарон, сабзавоту донагиҳо иборат буда, як тоннаро ташкил намуд.

Сардори раёсати корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ полковники гвардия Замонов Абдулвоҳид бо таълимгирандагон суҳбати самимӣ анҷом дода, ба онҳо тӯҳфаҳои солинавиро тақдим намуд. Ҳамзамон, Оркестри ҳарбии Гвардияи миллӣ барои болидахотирии хонандагони мактаб-интернат оҳангҳои ҷолибу мутантани ҳарбӣ пешниҳод намуд.

Гурӯҳи сарбозон бо мактаббачагон дар якҷоягӣ фарорасии Соли нави мелодии 2023-ро хушу хурсандона пешвоз гирифтанд.

Чунин кӯмакҳои моддӣ ба оилаҳои бесаробонмондаи хизматчиёни ҳарбии Гвардияи миллӣ, ки дар манотиқи гуногуни ҷумҳурӣ зиндагӣ доранд, расонида шуд.

Лейтенанти гвардия
НАСРИДДИНЗОДА
Илоҳиҷон

Генерал-майори мустаъфӣ Қальадор Бақоев:

Аз камоли ҷавонмардӣ бояд сухан гуфт

Дар Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон маводҳои таълимӣ ва тарбияи сиёсӣ барои бозомузии афсарони ҷавон пешбинӣ карда шудаанд. Дар ин маводҳо ҳаҷми пурраи барномаҳои таълимӣ нақш ва вазифаҳои афсарони ҷавон дар таълиму тарбия, тарзи фаъолияти хизматӣ, усулҳо ва шаклҳои омӯзиш дар асоси Қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаҳои ҳарбӣ, фармонҳо ва Директиваҳои фармондеҳи Гвардияи миллӣ гирд оварда шудаанд.

Раёсати кадрҳо ва таълимоти ҳарбии фармондеҳӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки сафҳои гвардияро бо афсарони ҷавони лаёқатманд, хушёру зирак, ба халқу Ватан ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон содиқ, ватандӯсту ватанпарвар, аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва рӯҳӣ обутобёфта пурра намоянд.

Бозомӯзии самаранок ва дурурст ба вазифаҳо таъин намудани афсарони ҷавон натиҷаҳои хуб медиҳад. Аксарияти афсарони ҷавон дар қисмҳои ҳарбӣ қарзи низомии худро содиқона, бо нишон додани сифатҳои ҷавонмардӣ, яъне зиракӣ, хушёрӣ, далерӣ, нотарсӣ ва дуруст қабул кардани қарору амал дар вазъиятҳои гуногун ба ҷо оварда истодаанд.

Санҷишҳо ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки кам нестанд афсарони ҷавоне, ки дар қисмҳои ҳарбии Гвардияи миллӣ софдилона хизматро дар иншооти махсусан муҳими давлатӣ ва қабулу гусели меҳмонони хориҷӣ пеш мебаранд.

Хизмати афсарони ҷавон дар таълиму тарбияи зердастон низ назаррас аст. Онҳо аслан, дар вазифаҳои командирони взводҳо, ротаҳо адои хизмат мекунанд. Ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ вазъи саломатӣ, ҳолати руҳӣ, сатҳи дониши сиёсӣ, малакаю маҳорати ҷангии ҳар як сарбозро омӯхта, мувофиқи он амал мекунанд. Ба таълими сарбозон софдилона муносибат карда, ба ҳаёти ҳаррӯзаи онҳо диққати ҷиддӣ медиҳанд. Хизматро дар асоси принсипҳои дӯстию рафоқат, хурмату эхтироми якдигар, расонидани ёрии беғаразона ба ҳамдигар ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ ба роҳ мондаанд.

Дар ҷорабиниҳои оммавӣ-сиёсӣ, фарҳангӣ, варзишӣ ва ҳаёти ҳамарӯзаи Гвардияи миллӣ фаъолона ва софдилона ширкат меварзанд. Ман шахсан бо фаъолияти хизматии аксарияти онҳо аз наздик шинос ҳастам ва бо камоли ифтихор аз эшон ном мебарам: лейтенанти калони гвардия Лутфуллои Исматулло, командири гурӯҳ, ротаи таълимӣ аз қисми ҳарбии 051052; капитани гвардия Файзуллозода Анушервон, командири взвод, ротаи қаровули фахрӣ аз қисми ҳарбии 051054; лейтенанти калони гвардия Мадаминзода Беҳрӯз, командири взвод, ротаи зудамал аз қисми ҳарбии 051054; лейтенанти гвардия Акобиров Фаррухҷон, командири взвод, аз қисми ҳарбии 051055; капитани гвардия Мансурзода Набиҷон, командири рота аз қисми ҳарбии 051055; лейтенанти калони гвардия Абдураҳмонзода Саидмуъмин, командири рота, аз қисми ҳарбии 051058 ва лейтенанти гвардия Саидзода Меҳроб, командири взводи ротаи зудамал аз қисми ҳарбии 051059.

Дар қисму воҳидҳои Гвардияи миллӣ анъанаи хело хуб ҷорӣ аст, ки онро «мураббигӣ» ном мебаранд. Дар ин раванд мураббиён аз ҳисоби афсарони болаёқати хизмати ҳарбӣ барои ҳар як афсари ҷавон дар ин ва ё он самти хизмат таъин карда мешавад. Мураббиён бояд дар як муддати муайян ба шогирдонашон (афсарони ҷавон) фаъолияти хизматӣ, интизоми ҳарбӣ, пос доштан ва эхтироми муқадассоти мил-

Онҳоро дар қатори худ чой дода, аз камоли ҷавонмардӣ ва меҳрубонӣ бояд сухан гӯянд.

-командирони қисмҳои ҳарбӣ ва муовинони онҳо оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ афсарони ҷавонро барои дақиқ омӯхтани таърихи бою рангини ниёгон талқин карда, дар замири онҳо принсипи асосии хизмат дар Гвардияи миллӣ-содиқ будан ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба халқу Ватанро тарбия намоянд.

-муовинони командирони қисмҳои ҳарбӣ оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ бояд вазъи оилавӣ, шароити зисту зиндагонӣ, вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии афсарони ҷавонро омӯхта, кӯмаку дастгирӣ намоянд. Ҳамчунин, фаъолияти хизматии афсарони болаёқат ва пешқадамро барои инъикос ва ташвиқу тарғиби хизмати намунавӣ ба шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеаи Гвардияи миллӣ пешниҳод намоянд.

лӣ, риояи қатъии Оинномаҳои ҳарбӣ, муносибати некхоҳонаи байниҳамдигарӣ, тарзи тозаю озода пӯшидани сару либоси ҳарбӣ, ҳифзи нангу номус, шаъну шарафро омӯзанд. Ҳамчунин командирони рота, баталёнҳо ва муовинони онҳо оид ба корҳои сиёсӣ - тарбиявӣ бояд ба афсарони ҷавон оиди банақшагирии ҳафтаинаи таълимии ҷангӣ, сиёсию тарбиявӣ ва ҷисмонӣ, усулҳои гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ ва ташкили чорабиниҳои фарҳангӣ-фароғатии сарбозон беғаразона ёрии амалии назариявӣ ва методӣ расонанд.

Албатта, чунин ғамхорӣ нисбати афсарони ҷавон барои бо дили гарм, софдилонаю садоқатона иҷро намудани вазифаҳои ҷангӣ ва бо ниятҳои нек муносибат намудани онҳо ба зердастон мусоидат мекунад.

Раванди таълиму тарбияро дар чанде аз қисмҳои ҳарбӣ таҳлил намуда, пешниҳод менамоям, ки

- дар қисми ҳарбии 051052 бо мақсади омода намудани афсарони ҷавон ҳамчун командирони оянда риояи ҳатмии талаботҳои Оинномаҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, диққати асосӣ ба тарзу усулҳои гузаронидани машғулиятҳо аз фанҳои тайёрии ҷангӣ, силоҳу муҳимоти ҷангӣ, хизмати қаровулӣ, сафоройӣ ва тарбияи ҷисмонӣ равона карда шавад;

-дар ҳама қисмҳои ҳарбӣ машғулиятҳои тайёрии командирӣ, усулӣ ва намоишӣ дар асоси талабот ва фармонҳои Фармондеҳи Гвардияи миллӣ ба роҳ монда шуда, баҳри баланд бардоштани дониши касбии афсарони ҷавон диққати ҷиддӣ дода шавад. Машғулиятҳоро бо афсарони ҷавон бояд собиқадорони хизмати ҳарбӣ, афсарони ботаҷриба дар сатҳу сифати баланд гузаронанд.

- командирони баталёнҳо ва ротаҳо ҳатман бояд дар машғулиятҳое, ки бо афсарони ҷавон гузаронида мешаванд, иштирок намоянд. Онҳоро мавриди таҳлил қарор дода, камбудӣ ва норасоиҳоро беғаразона шарҳ диҳанд. Шаъну шараф ва обрӯи афсарони ҷавонро паст назананд. Ба онҳо дар ҳалли мушкилот ёрии амалӣ расонанд. Нагузоранд, ки афсарони ҷавон аз камбудиҳо дилшикаста ва ошуфтаҳол бошанд.

Ин ҳавасмандгардонӣ дар тарбияи афсарони ҷавон аҳамияти калон дорад. Гвардиячӣ будан ба ҳар як афсару сарбоз бояд ифтихору сарбаландӣ бошад. Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронӣ ба муносибати 15-солагии таъсисёбии Гвардияи миллӣ 3-юми сентябри соли 2010 таъкид карданд: Гвардиячиён бояд бо интизоми қатъии ҳарбӣ, маҳорати баланди касбӣ, малакаву дониши мукаммал, шуҷоату далерӣ, ҳушёриву зиракӣ ва садоқату ҷасорат намунаи ибрати дигарон бошанд.

Ба ин боварӣ ва эътимод сазовор бояд буд!

Гурдофарид

Обрӯй харида намешавад. Он гавҳари ноёбест, дар қаъри баҳри зиндагӣ. Агар хоҳӣ, ки онро ба даст орӣ, бояд ба он ҷо бирасӣ. Аммо баҳри зиндагиро бояд тарзе убур кард, ки домон тар накуниву лаккаҳои нопок дар он нақш набандад. Соҳиби он гавҳарро, ки бошарафу некному боиффат аст, мардум фариштаи субҳ мегӯянд. Бахусус агар занро бо чунин ном муаррифӣ намоянд, ҷаҳоне пур аз нуру зиё мегардад.

ФАРИШТАИ СУБҲ

Бо чунин фариштаи субҳ, ки ҷамъи ҳамкорон бо самимияту муҳаббат ва эҳтироми бепоён сифоташ карданд ғоибона ошноӣ пайдо намудам. Пас аз шунидани чунин сифатҳои нек, ботини касро неруӣ созандае фаро мегирад, ки гӯё домон барзаниву дунболи чунин занони нерумананд қадам бизанӣ.

Оре, зан – модаре, ки Ватани хешро болотар аз ҷон медонаду баҳри дифои он буду набудашро дареғ намедорад, шоистаи раҳмат аст.

Майори гвардия Каримиён Зарафшон Карим аст он фариштаи нотакрор, ки ҷавҳари ботинаш аз меҳри Ватан нуролуда. Ӯ ҳар дақиқа, ҳар соат ва ҳар рӯзи умри гузаронидаи худро хуб дар хотир дорад. Чунки оинаи хотираш беғубор асту ҳар лаҳзае, ки дар Ватан асту бо Ватан паси сар мекунад, барояш неъмати бебаҳост.

Зарафшон зодаи деҳаи Сайроби ҷамоати Панҷоби ноҳияи Ҳамадонии вилояти Хатлон буда, 31 – уми декабри соли 1976 дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Кӯдакии Зарафшон дар ноҳияи наздисарҳадӣ сипарӣ шуда, аз хурди дар руҳияи зиракии сиёсӣ тарбия ёфтааст. Пас аз хатми мактаби миёна муддате дар боғчаи бачагонаи № 3 ба ҳайси мураббӣ фаъолият намудааст. Зарафшон соли 2001 ба хизмати ҳарбӣ даъват шуда, дар қисми ҳарбии 2111-и Қӯшунҳои сарҳадии Федератсияи Русия ба ҳайси радиотелеграфист хизмат намуда, баъдан ба қисми ҳарбии 2033-и Қӯшунҳои наздисарҳадии Федератсияи Русия дар ноҳияи Ҳамадонӣ барои идомаи хизмат таъин мешавад. Моҳи октябри соли 2005 бо сабаби чорабиниҳои ташкили штатӣ аз сафи Қӯшунҳои сарҳадӣ хориҷ шуда, як муддат дар комиссарияти ҳарбии шаҳри Гулистон (Қайроқум) ба ҳайси сардори шуъбаи 3-юм фаъолият намудааст.

Аз соли 2010 дар сафҳои Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар қисми ҳарбии 051056, дар вазифаи сардори радиодастгоҳ ва аз соли 2013 то инҷониб роҳбарии хадамоти алоқаи ситодро ба ухда дорад.

Ба ақидаи Зарафшон одамон ҳар чӣ биёбанд, аз нек ва бад варзидани худ меёбанд. Он чӣ ки мамнӯъ аст карданаш, аз он даст мекашад ва сухани ношоямро ҳаргиз ба забон

намеорад, то хотиреро малул насозаду дилеро нашиканад. Ӯ нисбати ҳамкоронаш эҳтироми беандоза дорад. Бонувоне, ки дар қисми ҳарбӣ ҳамроҳаш хизмат мекунанд, бо ҳам меҳрубону аҳлу тифоқанд. Зарафшон бо самимияти хосса ибroз медорад, ки ҳамеша дар ҷамъбасти сол, коллективи занони қисми ҳарбӣ – унвони «Коллективи беҳтарин» – ро мушарраф мегарданд. «Ҳамсари меҳрубон, ҳамсояи нек ва ҳамхизматони аҳл, мояи тани солиму хотири осудаанд, - мегӯяд бо иродат Зарафшон.

Ватану ватандорӣ дар ҳаёти ӯ мавқеи хосса дорад. Чунки Ватан имон, виҷдон, нангу номус, шараф, падар, модар, фарзандон ва ҷони ҷавони ӯст. Номи неки Ватан номи неки ӯ ва осудагии Ватан осудагии ӯст.

Меҳоҳад ҳамеша дар сафи пеш бошад. Баҳри дифои Ватан танҳо ба иродаи қавии худ такя мекунад. Зарафшон барои Ватан ҷонашро дареғ намедорад.

–Боре пешоҳанги паради ҳарбӣ будам. Ҳангоме, ки бо ҳисси баланди ифтихори миллӣ моро рухсати гузаштан доданд, вуҷудамро эҳсоси олии ватандорӣ такон дод, ки саропойи вуҷудамро оташи номусу нанг фаро гирифт, ашки шодӣ ҳалқа зад дар чашмонам. Он лаҳзаи фаромӯшнашавандае буд, ки аз хотирам ҳеҷ гоҳ зудуда намешавад. Ба худ қавл додам, ки ҳамеша дар сафи пеши ватандорон хоҳам буд,– ёдовар мешавад Зарафшон.

Дар муноқишаҳои мусаллаҳонаи сарҳадӣ, ки сентябри соли 2022 байни Ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Қирғизистон ба амал омад, Зарафшон бо як гурӯҳ хизматчиёни ҳарбӣ дар сафи пеш қарор дошт. Ӯ

ташкили алоқаро таъмин намуда, ҷусту ҷолокона ба захмиён ҳам кумак мерасонд. Кӯшиш мекард, ки алоқа сари вақт пайваст бошад, то ҳарчи зудтар аз гирдоби кашмакашиҳои беасос раҳоӣ ёбанд. Ҳатто мардон ба ҷасорати ин бонуи нотарсу далер аҳсан хонданд...

–Ӯ ғизолеро мемонад, ки дар як мижа задан ба баландтарин қуллаи кӯҳ мебарояд, пайи иҷрои вазифа. Лочинест тезбину зудшикор ва зудкор. Уқобест тезпарвозу душманкуш. Ҳамчунин кабутарест, қосиди сулҳ, дӯстдори сулҳ ва ҳомии амнияти миллат -сифатҳои неки Зарафшонро ёдовар шуда, мегӯяд бо самимияти хосса подполковники гвардия, сардори шуъбаи алоқаи Сарситоди Гвардияи миллӣ

Шарифзода Зариф.

Каримиён Зарафшон дар тарбияи кадрҳои ҷавон низ бетараф нест. Шогирдаш Файзибоева Комила дар ҷусту ҷолокӣ аз устод камӣ надорад. Пайи иҷрои вазифа амсоли устодаш чашми тезбин, дасти гиро ва ақлу заковати воло дорад.

Бузургон мегӯянд, ки агарчӣ ақл ба таҷриба ниёз дошта бошад, аммо таҷриба оинаи ақл аст. Бо чунин таҷрибаи бой ва ақли расо ба Зарафшони заркор дар роҳи дифои Ватан комёбиҳои беназир орзумандем.

Саодат САТТОРӢ

Иншооти махсусан муҳими давлатӣ дастовардҳои истиқлолият буда, муаррифгари обурӯ ва нуфузи давлату миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ мебошанд.

Яке аз чунин иншоот Қасри миллат мебошад, ки аз рӯи зебогии меъморӣ сазовори ҷойи дуюм дар феҳристи «10 қасри бошукӯҳи президентӣ» дар веб-сайти англисзабони «TheeStle» аст.

Ҳамчунин, 28 апрели соли 2016 дар шаҳри Спрингфилди ИМА барандагони ҷоизаи «The 2016 Wood Floor of the Year» («Беҳтарин нигоришҳои фаршҳои чубин) эълон гардиданд. Байни 8 ғолиби озмун, якеаш ба нигоришҳои фаршҳои чӯбини Қасри миллат — қароргоҳи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон расидааст.

МУҲОФИЗОНИ ҚАСРИ БОШУКӮҲ

Дар ҳифз ва мудофиаи иншооти мазкур саҳми ҳайати шахсии Баталёни махсуси комендантии қисми ҳарбии 051054 сазовори таҳсин мебошад.

Онҳо ифтихорманду сарфароз аз он ҳастанд, ки ҳифзу ҳимояи қароргоҳи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Қасри миллатро ба онҳо бовар кардаанд ва ин аз ҳар як хизматчии ҳарбии баталён масъулияти баланд, ҳушёрию зиракии доимиро тақозо менамояд, зеро хизмати қаровулӣ дар ин иншоот хусусиятҳои хоси худро дорад, -иброз медорад командири Баталёни махсуси комендантӣ подполковники гвардия Маҳмадуллозода Шамсулло.

Фароҳам овардани шароити мусоиди хизмат, яъне мунтазам беҳтар кардани вазъи будубоши хизматчиёни ҳарбӣ ҳамеша дар маркази диққати Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Дар ин замина, аз ҷониби роҳбарияти Гвардияи миллӣ пайваста тадбирҳои судманд андешида мешаванд.

Дар Баталёни махсуси комендантӣ барои пешбурди хизмат биною иншооти зарурӣ ва ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ мавҷуд

мебошад. Аз қабили утоқҳои корӣ, хобгоҳ, ошхона, толори варзиш, парки техникаҳои автомобилӣ, нуқтаи назорати гузаргоҳӣ ва дигар биноҳои ёрирасон бо тамоми таҷҳизоти зарурӣ таъмин шудаанд. Чи тавре ки командири баталён қайд намуд, соли 2022 биноҳои ёрирасони баталён таъмиру навсозӣ гардида, баталён ва қаровулхонаи иншоот ба системаи ягонаи гармидиҳии шаҳрӣ пайваст карда шудааст, ки барои дар фасли зимистон боз ҳам хубтар ба роҳ мондани хизмат мусоидат менамояд.

Хизматчиёни ҳарбие, ки дар иншооти махсусан муҳими давлатӣ вазифаҳои хизматиро анҷом медиҳанд, тамоми саъю кӯшиш ба он равона месозанд, ки ӯҳдадориҳои худро сарбаландона ва бомасъулият иҷро намоянд.

Хизматчиёни ҳарбии Баталёни махсуси комендантӣ, ки ҳифзу мудофиаи ин иншооти бузургро ба зима доранд, аҳамият ва муҳимияти онро хуб дарк менамоянд. Подполковники гвардия Шодизода Дониш, майори гвардия Мираҳмадзода Ёраҳмад, капитани гвардия Бобоҷонзода Шавкат, капитани гвардия Нозил Муҳаммад, капитани гвардия Рустамзода Парвиз, прапоршики гвардия Раҳматов Фуркат ва дигарон хизмати намунавӣ дошта, дар иҷрои вазифаҳо бомасъулият, ҳушёру зирак ва бо хизмати софдилонаашон шоистаи таҳсин мебошанд.

Лейтенанти калони гвардия
Саидшо АМИРЗОДА,
афсари калони шуъбаи
иттилоот ва робита бо ҷомеа

Шукронаи домони сабзат, эй Ватан!

Ҳар неку баде, ки аз сари одам мегузарад, ҳамчун хотира ба ёд оварда мешавад, на чун ҳодиса. Вале гоҳо мушкил аст ба ёд овардани хотираҳое, ки касро нороҳат мекунад. Ҳаёти талху сангин бодест, ки пардаҳои нозуки эҳсосро хароб карда, захмҳои амиқ мегузорад. Дар ин ҳолат танҳо суруди ҷаззоб метавонад чун раъду барқ абрҳои тираи хотиротро пароканда карда, аз паси он офтоби дурахшонро эҳдо намояд.

Мусоҳиби навбатии мо занест, ки сарват, дорой ва тамоми буду набудаш суруд асту ба дилҳо суруру ба зиндагӣ нур мебахшад. Ин сафобахши зиндагӣ муовини консермейстри оркестри ҳарбии Гвардияи миллӣ лейтенанти гвардия Мирзомуродзода Гулҷаҳон Барот аст, ки дар лаб оёти шукрона васфи Ватани соҳибистиқлол, васфи кӯҳу дашти безавол, обшорону чашмасорон, меҳру муҳаббат ва васфи мардуми шоду озоди кишвар мекунад.

Меҳру муҳаббати овозхониро ҳанӯз аз даврони мактабхонӣ дар дил мепарварид. Аввалин тамошобинони саҳнаи хурдакаки ин духтари шуху бебоки деҳотӣ ҷоруб, хоркаш, белу каланд ва дигар асбобҳои рӯзгор буданд, ки маҳорати бебаҳои ӯро ҳаводорӣ мекарданд. Ин саҳнаи хурдакаку пинҳонии паси хона, ки гоҳо падар низ шоҳиди он мегашт, ӯро ба саҳнаи калони шаҳри калон ҳидоят намуд. Баъдтар дар чорабиниҳои мактаб ва ноҳия низ иштирок мекард. Обу оташ барояш яксон менамуд, дар ҷодаи санъат.

Дар ин ҷода падар дуои некаш дод, ҳарчанд таҳсил дар мактаби олӣ ба духтари деҳа мамнӯъ буд. Бахусус барои овозхон шудан. Пас аз даргузашти шавҳар, дар ҳама ҳолат сурудаш ба ӯ боли парвоз мебахшид ва такягоҳаш буд. Чанд муддат дар Хонаи маданияти ноҳияҳои Хуросону Қабодиён ба ҳайси овозхон фаъолият намудааст. Пас аз он дар ансамбли «Ганҷина»-и Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба ҳайси овозхон фаъолият намуда, факултаи фаъолияти иҷтимоӣ- фарҳангии Донишгоҳи ҳунарҳои зебои ба номи Мирзо Турсунзодаро бо ихтисоси фарҳангшинос хатм намуд. Малакаву маҳорати худро сайқал дод.

Аз соли 2009 дар ансамбли «Диловарон»-и Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Фаъолият дар Гвардияи миллӣ барояш ифтихор буд ва худро бонуи хушбахт меҳисобид. Акнун сурудаш ба дуриҳои дур парвоз мекард. Васфи Ватани озодро, ки табиати бойи нотакрор дорад, аз самими дил месароид. Чунки ин маконест, ки ҳамеша барои ҳифзи марзу буми Ватан, озодӣ, ваҳдату садоқат ва музаффариятҳои ба дастовардаи Истиқлол заҳмат мекашанд. Ин маконест, ки ба занон арҷ мегузоранду онҳоро пуштибонӣ мекунанд ва эҳтиромашонро ба ҷо меоранд. Дигар худро яккаву танҳо эҳсос намекард. Дар симои Гвардияи миллӣ соҳиби пурзӯру тавоноро медид, ки амнияту осоиштагии модарони танҳоро таъмин менамуд. Дигар аз ин макон дил канда наметавонист.

– Ҳар бор, ки ба назди дарвозаи коргоҳи азизам мерасам, эҳсоси гуворою ширине маро фаро мегирад., - мегӯяд бо ифтихор Мирзомуродзода Гулҷаҳон. – Шуҳрату ифтихор, иззату шон ва ҳама буду набудам Ватан аст ва васфи онро то ҷон дар бадан дорам, месароям. Ҳар ҷӣ ёфтам, аз ин даргоҳ ёфтам. Баракат, обрӯ ва иззату эҳтиромам бо шарофати ин даргоҳ аст. Ҳар рӯз гӯё дигарбора таваллуд мешаваму рӯзи нави пурсафои Ватан маро ба оғӯш мегирад.

Соли 2011 ӯ ихтиёран ба хизмати ҳарбӣ даъват шуда, дар оркестри Гвардияи миллӣ фаъолият менамояд. Гулҷаҳон бо боварии комил, иродаи қавӣ ва ҷасорати мардона ба ҷодаи санъат қадами устувор гузошта, то имрӯз бо меҳри зиёди ватандорӣ иҷрои вазифа мекунад.

– Агар ватанро дӯст надорӣ, ҳеҷ касӣ. Кӣ ҳам буда метавонӣ агар беватанӣ, бегавҳораву бекафанӣ, оҷизу нобинову бедасту пойӣ, - мегӯяд бо ифтихори баланди ватандорӣ, Гулчаҳон.

Аз оғози соли 2023 барои Гулчаҳон соли нек омад. 12 январ бо дастгирии роҳбарияти Гвардияи миллӣ шаби эҷодии худро дар бинои Филармонияи давлатӣ баргузор намуд, ки дар он беҳтарин устодони санъати тоҷик иштирок доштанд. Соли 2014 низ бо дастирии Гвардияи миллӣ нахустин шаби эҷодии хешро дар кохи Ҷомӣ баргузор намуда буд.

Чанде пеш бахшида ба 30-солагии Артиши миллӣ дар қисми харбии 051055 консерти идона барпо намуда, хотири сарбозону хизматчиёни ҳарбиро шод гардонд. Бегумон санъати волои ӯ ба дили пиру барно роҳ ёфта, дар баҳру бар то баландтарин қуллаҳои кӯҳсори кишвар танинандоз мегардад. Ҳангоми сурудани васфи Ватан рӯяш чун садбарги саҳарӣ мешукуфад ва дилаш лабрези фараҳ мегардад.

Мирзомуродзода Гулчаҳон дасти дуо бардошта, пойдории Ватани соҳибистиқлолу ободи хешро аз Офаридгор таманно дорад ва мехоҳад миннатдории худро ба Гвардияи миллӣ, пеш аз ҳама ба Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бирасонад, ки пуштибонии ҳазорон занҳои танҳоро ба уҳда доранду онҳоро соҳибмакону соҳибмартаба намудаанд.

Саодат САТТОРӢ

РОДМАРДОНИ ВАТАН,
№22, феврали 2023
Замимаи нашрияи ҳарбию ватанпарастии ГМҶТ «Родмардон»

МУАССИС:
Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Маҷалла таҳти назари Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенанти гвардия Бобоҷон ҶАМОЛЗОДА ба чоп омода шудааст.

ҲАЙАТИ ТАҲРИР:
Х. Комилзода,
Х. Неъматулло,
И. Насриддинзода,
С. Амирзода,
С. Сатторӣ.

МУШОВИРОН:
Раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ,
Раиси Кумитаи иҷроияи Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон Рудобаи Мукаррам,
муовини Фармондеҳи Гвардияи миллӣ оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ полковники гвардия Собириён Муҳаммаднаим

Аксҳои М. Шоев,
Б. Кароматзода
Муҳаррири техникӣ:
А. Насриддинов
Дар матбааи «Орбита»-и шаҳри Душанбе чоп шуд.